Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№20 (1169)
Панҷшанбе, 16 майи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар**

с. 2-6

# Кафили боэътимод

*Истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ - талаби рӯз ва воситаи баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ*



НАБЗИ НОЗИРОТИ АНДОЗ

## Вазъи ҷамъоварии андозҳо

Ҳолати иҷрои нишондиҳандаҳои андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ



саҳ. 11


КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Таҳлили самти фаъолият оид ба бақияи қарзи андозҳо**

Баррасии масъалаҳои афзоиши бақияи қарзи андозҳо, шумораи андозсупорандагони қарздор ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо

с. 7

ТАҶРИБАИВАЗКУНӢ

**Натиҷаҳои самарабахш**

Омӯхтани таҷрибаи пешқадами мақомоти андози кишварҳои хориҷа

с. 8

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Мақсад - пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз**

Корҳои назоратӣ - самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз

с. 9

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**Фарқияти нишондиҳандаҳо**

Дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон

с. 10

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Самти муҳими фаъолият**

Корҳои фаҳмондадиҳии масъалаҳои андоз дар нозиротҳои андоз

с. 12

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

*10 майи соли 2019, шаҳри Душанбе*



**Ҳозирини гиромӣ!**

Мақсади мулоқоти имрӯза бо шумо – кормандони соҳаҳои молия, бонкдорӣ, андоз, гумрук ва сармоягузорӣ баррасии фаъолияти сохторҳои марбута ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва вазифаҳое мебошад, ки иҷрои онҳо барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллии мо зарур шуморида мешавад.

Бояд таъкид намоям, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем. Ҳарчанд ки тайи 10 соли охир суръати миёнаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи беш аз 7 фоиз таъмин гардида истодааст, вале сифати он моро қонеъ карда наметавонад.

Вобаста ба ин, дар соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ камбудиву мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки андешидани чораҳои дахлдорро тақозо менамоянд.

Вобаста ба роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва расидан ба нишондиҳандаҳои дар барномаву нақшаҳои давлатӣ пешбинишуда дар паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олӣ ва дар маҷлисҳои Ҳукумат масъулин пайваста барои ислоҳи камбудиву мушкилоти мавҷуда вазифадор карда мешаванд.

Аммо якчанд масъалаи муҳим, алалхусус, ҷараёни нокифояи татбиқи ислоҳоти идораи молияи давлатӣ ва таъмин намудани суботи молиявӣ дар кишвар, номукаммалии низоми маъмурикунонии андоз, афзоиши номувозинатӣ ва иҷрои сифатноки қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва муфлисшавии чор бонки кишвар ва дигар масъалаҳо, аз ҷумла ба тақозои замона мувофиқат надоштани сатҳи касбияти кадрҳои бахши иқтисодӣ, яъне соҳаҳои молия, буҷету андоз ва пулию қарзӣ боиси ташвиши ҷиддӣ гардидаанд.

Низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд.

Бо ин мақсад, ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ оғоз гардида, асосҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар тадриҷан такмил дода шуданд.

Дар натиҷаи таъмин гардидани рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва ислоҳоти бомароми идораи молияи давлатӣ дар даҳ соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 6 миллиард сомонии соли 2009 ба 23,8 миллиард сомонӣ дар соли 2019 расонида шуд, яъне 4 баробар зиёд гардид.

Инчунин, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ин давра 19,1 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 8,6 миллиард сомонӣ грант ва 10,5 миллиард сомонӣ маблағҳои қарз аз худ карда шудаанд.

Дар соҳаи молия стратегияҳои идоракунии молияи давлатӣ ва қарзи давлатӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ татбиқ шуда истодаанд.

Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати низоми молиявӣ, пешрафти инфрасохтори он, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таҳким бахшидан ба иқтидори кадрӣ дар ин самт ва такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

Ноил шудан ба ин мақсадҳо аз роҳбарият ва мутахассисону кормандони бахшҳои иқтисодиёт, молия ва бонк маҳорати касбӣ ва масъулияти баландро тақозо менамояд.

Тибқи талаботи Стратегияи амалишудаистодаи идоракунии молияи давлатӣ банақшагирии хароҷоти давлатӣ барои се сол ҷорӣ гардид ва дар ин замина нақшаҳои кутоҳмуддат бо нақшаҳои миёнамуҳлат мувофиқ гардонида шуданд.

Дар доираи ислоҳоти самтҳои алоҳидаи идоракунии молияи давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва тақсимоту истифодаи мақсадноки онҳо таҳияву татбиқи буҷети давлатӣ дар асоси барнома роҳандозӣ шуда истодааст.

Аммо фаъолияти сохтору мақомоти марбута дар ин самт ҳанӯз нокифоя буда, амалияи ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ ҳам дар сатҳи вазорату идораҳои алоҳида ва ҳам аз ҷониби Вазорати молия андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Вазорати молия бояд дар самти татбиқи самараноки ислоҳот доир ба низоми идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти таъмин намудани самаранокӣ, мақсаднокӣ, шаффофият ва назорату арзёбӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар самти риояи интизоми давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва масъулияти кормандон ва пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ низоми идораи вазоратро тавсеа бахшад.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки вобаста ба қабули буҷети давлатӣ аз рӯи барномаҳои соҳавӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шаванд.

Муосиргардонии низоми идоракунии молияи давлатӣ тақозо менамояд, ки дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва назорати қисмҳои даромаду хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ технологияҳои рақамӣ ҷорӣ карда шаванд.

Чунин иқдом имконият медиҳад, ки буҷети давлатӣ дар ҳамаи зинаҳо дуруст ба нақша гирифта шавад.

Бинобар ин, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки дар ду соли минбаъда низоми иттилоотии идораи молияи давлатӣ ва татбиқи технологияҳои рақамиро дар ҳамаи зинаҳои буҷети давлатӣ ва дар сатҳи маҳалҳо пурра татбиқ карда, оид ба иҷрои корҳо дар ин самт ба Ҳукумати мамлакат мунтазам ҳисобот пешниҳод намояд.

Дар баробари ин, бояд иқтидори низоми молиявии кишвар тавассути самаранок ба роҳ мондани ҷараёни банақшагирии он, ташаккули захираҳои зарурӣ барои кам кардани таъсири омилҳои манфии берунӣ (алалхусус, захираҳои фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт) ва тибқи меъёрҳои мавҷуда нигоҳ доштани мувозинати қисмҳои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ таъмин карда шавад.

Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисоди миллӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, инчунин, таъмини амнияти давлат равона карда шудаанд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2018 ба зиёда аз 24 миллиард сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2009-ум 4,2 баробар зиёд мебошад.

Дар баробари ин, ки буҷети давлатӣ хусусияти иҷтимоӣ дорад, дар давраи солҳои 2009-2018 барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва амнияти озуқаворӣ 47 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки ба 35 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар ин давра баробар мебошад.

Қисми асосии ин маблағҳо ба комплекси сӯзишвориву энергетикӣ (26 миллиард сомонӣ) ва нақлиёту коммуникатсия (8 миллиард сомонӣ) рост меояд.

Вобаста ба ин, Вазорати молияро зарур аст, ки ҷиҳати муносибгардонии хароҷоти буҷети давлатӣ самаранокӣ ва мақсаднокии истифодаи маблағҳои аз ҳисоби буҷет ба соҳаҳои гуногун ва ташкилоту муассисаҳо ҷудогардидаро арзёбӣ намуда, мониторинги доимиро дар ин самт ба роҳ монад.

Илова бар ин, барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” ҷиҳати гузаштани муассисаҳо ва корхонаҳои азими давлатӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, гузаронидани аудити ҳатмии ҳарсола ва нашри ҳисоботи молиявиро дар воситаҳои ахбори омма таъмин намояд.

Махсусан, масъалаҳои идоракунӣ ва фаъолияти молиявии корхонаҳои давлатӣ андешидани чораҳои қатъӣ ва саривақтиро тақозо менамоянд.

Гарчанде Стратегияи идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020 татбиқ шуда истодааст, вале то ҳанӯз корхонаҳои азими давлатӣ бо сабаби зиёд гардидани уҳдадориҳо ва зарари ҷамъшудаи онҳо ҳамчун сарчашмаи хавфи асосии фискалӣ барои давлат боқӣ мемонанд.

Илова бар ин, дар соли 2018 ба маблағи умумии 67,5 миллион сомонӣ таъмин нагардидани нақшаи андозҳои танзимшаванда аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ба иҷрои сифатноки нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ таъсири манфӣ расонид.

Бо вуҷуди иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2018 ду намуди андоз ба маблағи 420 миллион сомонӣ, аз ҷумла андоз аз даромад 8,3 миллион сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда 411 миллион сомонӣ иҷро нагардид.

Дар ин давра 6 шаҳру ноҳия аз рӯи ҳаҷми умумии даромад уҳдадориҳои андозии худро дар назди буҷет таъмин накардааст.

Бинобар ин, Вазорати молия бояд татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷетро таъмин намуда, якҷо бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои саривақтии даромадҳои буҷет тадбирҳои зарурӣ андешад.

Бояд гуфт, ки таъмин намудани самаранокии низоми имтиёзҳои пешбинишуда ба сифатнокии молияи давлатӣ таъсир мерасонад.

Имрӯз барои фаъолияти соҳибкорӣ қариб 100 номгӯи имтиёзҳо пешбинӣ шудааст.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизм ва муҳлати пешниҳоди имтиёзҳо ва ҳамзамон бо ин, омори онҳо ба танзим да-

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

роварда нашуда, аз ҷониби аксарияти вазорату идораҳо ҳисобот оид ба имтиёзҳои амалкунанда ва татбиқшуда ба таври дахлдор пеш бурда намешавад.

Аз ин рӯ, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳо санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокии имтиёзҳо таҳия ва ба Ҳукумати кишвар манзур намоянд.

Мукаммал гардонидани механизми пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ имкон медиҳад, ки қисми даромаду хароҷоти буҷет дуруст ба нақша гирифта, дар ҷараёни буҷетикунонӣ омилҳои коррупсионӣ бартараф карда шаванд.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар даҳ соли охир аз ҷониби кормандони Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук беш аз 700 қонунвайронкунӣ, ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хусусияти коррупсионидошта содир карда шудааст, ки аз нисф зиёди онҳо бо суиистифода ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, сохтакорӣ ва гирифтани пора вобастагӣ доранд.

Қисми бештари камбудиҳои ошкоршуда кам ҳисоб кардани маблағ ва рӯйпӯш намудани андозу пардохтҳои ҳатмӣ мебошад.

Дар ин давра аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук 190 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ ошкор карда шудааст.

Дар даҳ соли охир аз 45 миллион сомонӣ зарари молиявии аз ҷониби Агентӣ дар низоми молияи кишвар ошкоршуда 39 миллион ба шуъбаҳои хазинадории мақомоти молия дар маҳалҳо ва аз 119 миллион сомонӣ зарари молиявии дар низоми андози кишвар ошкоршуда, 118 миллион сомонӣ ба раёсатҳо ва нозироти андоз дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо рост меояд, ки ин хеле ташвишовар аст.

Агар соли 2009 дар зерсохторҳои Кумитаи андоз ба маблағи 1,5 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуда бошад, пас танҳо соли 2018 ин маблағ 27 миллион сомониро ташкил кардааст.

Дар давраи зикршуда нисбат ба 500 нафар корманди соҳаҳои молия, андоз ва гумрук чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ гардида, 57 нафар аз вазифа озод карда шудаанд.

Тайи солҳои 2013-2018 Палатаи ҳисоб дар вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 1989 санҷиш гузаронида, зарари молиявиро ба маблағи 1 миллиарду 36 миллион сомонӣ муайян кардааст.

Аз ҷумла дар натиҷаи санҷиш дар 718 ташкилоту муассисаи буҷетии 57 шаҳру ноҳияи кишвар зарари молиявӣ ба маблағи 65 миллион сомонӣ ошкор гардида, аз он 54 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст.

Тибқи таҳлилҳо бо вуҷуди ҳар сол зиёд шудани ҳаҷми даромади буҷетҳои маҳаллӣ банақшагирии онҳо бе таҳлили имкониятҳои воқеӣ амалӣ карда мешавад ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти молия, андоз ва дигар сохторҳои марбутаи шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар даҳ соли охир аз ҷониби Прокуратураи генералӣ барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар бахши иқтисоду молия ва низоми бонкӣ ба 650 санади расмӣ эътироз оварда шуда, дар маҷмӯъ, дар асоси санҷишҳои гузаронидашуда 1,7 миллиард сомонӣ ба буҷети давлат барқарор карда шудааст, ки 1,6 миллиард сомонии он маблағҳои андоз мебошанд.

Бо дарназардошти вазъи зикргардида, ба роҳбарони Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук супориш дода мешавад, ки дар самти интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар ҳамаи зинаҳо чораҳои қатъӣ андешанд.

Инчунин, зарур аст, ки дар сохторҳои зикршуда якҷо бо Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ба содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ, ҳолатҳои ғайримақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, суистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ҷиноятҳои иқтисодии дорои хусусияти коррупсионӣ мусоидаткунанда ва паст намудани хавфи чунин қонунвайронкуниву ҷиноятҳо тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, дар самти баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон ва аз аттестатсия гузаронидани онҳо, татбиқи технологияҳои рақамӣ, ки таъсири омили инсониро бартараф месозад, чораҷӯӣ карда шавад.

Роҳбарони Вазорати молия ва раёсату шуъбаҳои минтақавии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ба масъалаҳои банақшагирии дурусти буҷетҳои маҳаллӣ, мутобиқати хароҷот ба меъёрҳои муқарраргардида ва арзёбии имкониятҳои воқеии манбаъҳои андоз эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ба Вазорати молия, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия супориш дода мешавад, ки вобаста ба усули муайян намудани зарари молиявӣ ва дурустии пешбурди омори он санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия ва дар муҳлати як моҳ ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Ҳукумати мамлакат ҳаҷми маблағгузориро бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сол ба сол афзоиш медиҳад. Ҳоло дар ин самт татбиқи як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ идома дошта, андозаи нафақаи шаҳрвандон ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ мунтазам зиёд шуда истодааст.

Масалан, агар қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа соли 2009-ум 657 миллион сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда соли 2019 дар ҳаҷми 3 миллиарду 140 миллион сомонӣ, яъне 4,8 баробар зиёд пешбинӣ гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тайи 10 соли охир ба ҳисоби миёна ҳамасола дар сатҳи 18,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, дар даҳ соли охир ба буҷети мазкур аз маблағи пешбинишуда 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ ворид нагардидааст, ки 968 миллион сомонии он аз ҳисоби андозҳои иҷтимоӣ буда, чунин ҳолат хеле ташвишовар мебошад.

Бинобар ин, Вазорати молия, Кумитаи андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва дигар мақомоти дахлдори давлатиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати банақшагирии дурусти даромадҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, пурра таъмин намудани талаботи воқеӣ ба пардохтҳои ғайрисуғуртавӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои зикршуда тақвият бахшанд.

Дар 10 соли охир шумораи нафақагирон дар кишвар ба ҳисоби миёна ҳар сол 2,4 фоиз афзоиш ёфта, январи соли 2019 ба 690 ҳазор нафар расидааст.

Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишварро зарур аст, ки тавассути таъсиси ҷойҳои кори доимӣ ва афзоиш додани манбаъҳои андозбандӣ барои таъмин намудани гузариш ба низоми худмаблағгузории нафақа ва кумакпулиҳо чораҳои доимӣ андешанд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати пешгирӣ кардани сарбории буҷети суғуртаи иҷтимоиву нафақа масъалаи андози иҷтимоии табақаҳои алоҳидаи дорои шуғл, аз қабили кормандони соҳаи кишоварзӣ ва ҳамчунин, соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолиятдоштаро баррасӣ карда, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо ҷустуҷӯ намояд.

Дар баробари ин, санҷиши ҳолатҳои таъмини нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ин самт қонунвайронкуниҳои зиёд вуҷуд доранд.

Дар давраи солҳои 2012 — 2014 зимни тафтиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва зерсохторҳои он аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба маблағи 5 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст, ки аз он беасос таъин ва пардохт намудани нафақа 1447 ҳолат, тибқи ҳуҷҷатҳои маъюбии қалбакӣ пардохт намудани нафақа 34 ҳолат, тасарруфи нафақаи шахсони фавтида 211 ҳолат ва талафи маблағҳои нафақа аз бесарусомонӣ 1709 ҳолатро ташкил медиҳад.

Баъди тафтишҳои мақомоти марбута ва ҷорӣ намудани низоми муайян дар таъйини нафақа шумораи маъюбони гирандаи нафақаи меҳнатӣ дар байни солҳои 2012-2018 қариб 35 ҳазор нафар кам шуд.

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро зарур аст, ки корҳои назоратиро дар самти таъмин намудани шаффофият ва суроғавӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ва кумакҳо боз ҳам ҷоннок карда, ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва изофанависиро ба таври қатъӣ пешгирӣ ва дар муддати ду соли минбаъда технологияҳои рақамии муосирро дар фаъолияти мақомот татбиқ намояд.

Солҳои охир Ҳукумати кишвар ба масъалаи сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар самти фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ тадбирҳои мушаххас меандешад.

Танҳо дар 10 соли охир дар кишвар беш аз 178 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 34 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор гирифта, то имрӯз дар ҳаҷми 31 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Ҳоло маҷмӯи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда ва маблағи онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2009 мутаносибан 11 лоиҳа ва 15 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Таҳлили раванди татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалишаванда нишон медиҳад, ки бо вуҷуди қонеъкунанда будани азхудкунии маблағҳо, сатҳу сифати иншооти таҷдиду бунёдшаванда, техникаву таҷҳизот ва хизматрасониҳое, ки бо ҷалби ширкатҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд, ба талабот ҷавобгӯ нест.

Илова бар ин, риоя нагардидани уҳдадориҳои қарордодӣ аз ҷониби ширкатҳои пудратӣ, таҳвилгар ва хизматрасон, инчунин, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани назорати иҷрои корҳои мазкур аз тарафи агентиҳои татбиқи лоиҳаҳо боиси ба таъхир мондан ва тамдид гардидани муҳлати татбиқи онҳо гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолияти худро дар самти иҷрои саривақтии қарордодҳо, ба талаботи стандартҳои пешбинишуда ҷавобгӯ будани иншооти таҷдиду бунёдшаванда, воридоти техника ва таҷҳизоти зарурӣ, инчунин, истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои ҷалбшаванда пурзӯр намояд.

Омили дигари таъмин намудани рушди иқтисодиёти кишвар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошад.

Дар 10 соли охир ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми зиёда аз 31 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид шудааст, ки ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ нест.

Мувофиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷалби ҳамасолаи сармояи мустақими хориҷӣ бояд то 10 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дода, нисбат ба сатҳи миёнаи солҳои 2004 — 2013 ду баробар афзоиш ёбад.

Ҳукумати кишвар бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, таҳкими иқтидори саноативу содиротӣ ва дар ин замина амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Бо вуҷуди ин, ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017-ум 28 миллион доллар ё 7,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин барои иҷрои ҳадафҳои муайянгардида қонеъкунанда нест.

Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди маълумоте, ки дар манбаъҳои гуногун вуҷуд доранд, ҳоло ҳам сармоягузорони хориҷӣ имконияти дастрас намудани маълумоти кофиро доир ба фазои сармоягузорӣ, имкониятҳо ва лоиҳаҳои афзалиятнок надоранд.

Бар замми ин, сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бо низоми бюрокративу серхарҷи гирифтани иҷозат ва иҷозатномаҳо, инчунин, санҷишҳои ғайринақшавию такрорӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ҳолат бисёр ташвишовар боқӣ мемонад.

Ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ, алалхусус, сармояи мустақими хориҷӣ ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва масъулини соҳа зарур аст, ки мунтазам чораҷӯӣ намуда, ҳамкориҳои судмандро бо сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба роҳ монанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Торафт шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ моро водор месозад, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои умумимиллӣ имконоту захираҳои мавҷударо самаранок истифода карда, фазои соҳибкориву сармоягузориро боз ҳам беҳтар ва фаъолнокии иқтисодии аҳолии Тоҷикистонро баланд бардорем.

**(Давомаш дар саҳ.4-5)**

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

**(Аввалаш дар саҳ.2-3)**

Бо ин мақсад дар кишвар нақшаи тадбирҳои амалисозии 300 рӯзи ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тасдиқ шуда, то охири соли 2020 ба санҷишҳои фаъолияти соҳаҳои истеҳсолӣ мораторий татбиқ мегардад.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати беҳтар кардани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалии "Пешбурди соҳибкорӣ" тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст, ки як қисми онҳо бевосита ба низоми маъмурикунонии андоз ва сарбории андоз дахл доранд.

Бояд гуфт, ки дар даҳ соли охир ҳаҷми воридоти андозҳо ва пардохтҳо ба буҷети давлатӣ 4,7 баробар зиёд гардида, ҳиссаи воридоти андозҳои дохилӣ нисбат ба андозҳои берунӣ дар ҳаҷми умумии қисми даромади буҷет тамоюли афзоиш дорад.

Ҳарчанд ки дар натиҷаи васеъ гардидани сарчашмаҳои андози дохилӣ қисми даромади буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, таъмин гардидааст, аммо тайи солҳои охир иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) таъмин нашуда истодааст.

Аз ин ҳисоб ба буҷет 860 миллион сомонӣ ворид нагардида, ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо дар миқёси кишвар ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум 726 миллион сомониро ташкил додааст. Сабаби асосии чунин ҳолат, аз ҷумла номукаммал будани низоми оиндабинӣ ва бақайдгирии дар ин самт мебошад.

Бинобар ин, Вазорати молия ва Кумитаи андозро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолияти худро дар самти такмил додани раванди таҳлили имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳо ва корхонаҳои фаъолияткунанда, оиндабинии манбаъҳои воқеии андоз, пешгирӣ кардани афзоиши бақияи қарзи андозҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва ба ин васила кам кардани таъсири омили инсонӣ, бештар ва беҳтар ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотиву фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ба таври доимӣ тақвият бахшанд.

Илова бар ин, Кумитаи андоз бояд ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, такмили ихтисоси кормандони худ, ба тариқи озмун интихоб ва ҷобаҷогузорӣ намудани кадрҳои сатҳи касбияташон баланд тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Кумитаи андоз танҳо соли 2018 нисбат ба андозсупорандагони қарздор қариб 6700 қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои солҳои қаблӣ қабулгардида ба буҷет 644 миллион сомонӣ қарзи андоз рӯёнида шудааст, ки нисбат ба соли 2009 шумораи қарорҳо 5,2 баробар ва маблағҳои рӯёнидашуда 7,1 баробар зиёд мебошад.

Худи ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми қарздорӣ аз ҳисоби андоз ва ҳодисаҳои пинҳон ё саркашӣ намудан аз пардохти онҳо сол ба сол зиёд шудааст, ки нишонаи ҳамкории сусти мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор мебошад.

Бинобар ин, мақомоти андоз вазифадоранд, ки барои пешгирӣ кардани чунин ҳолат чораҳои ҷиддӣ андешида, корҳои назоратиро дар асоси таҳлили хавфҳо ба роҳ монанд.

Ҳоло дар кишвар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 татбиқ шуда истодааст, вале корҳо дар самти муосиргардонии он ҳанӯз кофӣ нестанд.

Кумитаи андоз вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон, баланд бардоштани фарҳанг ва интизоми андозсупорӣ чораҳои зарурӣ андешида, Барномаи рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2020-2025 таҳия ва татбиқ намояд.

Гарчанде тайи солҳои охир тартиби арзёбии фаъолияти мақомоти андоз такмил дода шуд, лекин ин арзёбӣ танҳо аз рӯи иҷрои нақшаи ҷамъоварии андоз ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки масъулини мақомоти андоз барои иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андоз шаклҳои гуногуни назоратро нисбат ба субъектҳои хоҷагидор ба анҷом мерасонанд, ки хислати санҷиш ва ҳатто дахолатро доранд.

Дар натиҷаи чунин амалҳо ҳаҷми истеҳсол, гардиши тиҷоратии корхонаҳо ва мутаносибан ҳаҷми пардохти андози онҳо коҳиш меёбад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз баъзе санҷишгарон даромаду хароҷоти воқеӣ, ҳуҷҷатҳои ибтидоии андозсупорандагонро ба инобат нагирифта, маблағҳои барилова ҳисобшавандаро зиёд нишон медиҳанд, ки ин боиси шикояти андозсупорандагон мегардад.

Сабаби чунин камбудӣ, агар аз як тараф нокифоя будани дониши касбии санҷишгарон бошад, аз ҷониби дигар, дидаву дониста зиёд нишон додани андозҳои ҳисобшаванда ҷиҳати ба таври сунъӣ беҳтар нишон додани натиҷаҳои кор ва бо ҳар роҳу восита иҷро кардани нақша мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби кормандони андоз назорати камералӣ низ бо вайронкунии талаботи қонун, бидуни таҳлили хавфҳо ва имтиёзҳои пешниҳодгардида гузаронида шуда, ба зиммаи андозсупорандагон уҳдадориҳои беасоси пардохтҳои зиёдатӣ вогузор карда мешаванд.

Дар зарфи даҳ соли охир мақомоти прокуратура нисбат ба 300 нафар корманди мақомоти андоз парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз ва бо қарору пешниҳоди прокурорҳо 2181 нафар корманд ба ҷавобгарии интизомӣ кашида, нисбат ба 25 нафар корманди мақомоти андоз барои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, сохтакории хизматӣ, қаллобӣ, гирифтани пора ва дигар ҷиноятҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Тибқи маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар 10 соли охир аз 758 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ 106 миллион сомонӣ ба Кумитаи андоз ва сохторҳои зертобеи он баробар омадааст.

Ба Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия супориш дода мешавад, ки доир ба пешгирӣ кардани амалҳои қонунвайронкунӣ ва коррупсионӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, риояи муқаррароти қонунгузории кишвар дар бораи мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти андозбандӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, кам кардани сарбории андоз ва ба танзим даровардани санҷишҳои андоз тайи солҳои охир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Гарчанде муқаррароти Кодекси андози аз 1 январи соли 2013 амалкунанда содатар, ҳаҷми умумии матни он ва меъёрҳои аз як модда ба моддаи дигар ва ба дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҳаволакунанда ҳаддалимкон кам шудаанд, вале ҳанӯз дар он муқаррароти душворфаҳму духӯра мавҷуданд, ки боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳо миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон мегардад.

Ҷиҳати дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва боз ҳам содаву сабук гардонидани ҷараёни андозсупорӣ, ки яке аз роҳҳои таъмини шаффофияти фаъолияти соҳа низ ба ҳисоб меравад, аз соли 2012 тартиби ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ҷорӣ карда шуд.

Имрӯз бо истифода аз барномаи компютерии "Утоқи шахсии андозсупоранда" зиёда аз 80 ҳазор андозсупоранда эъломияҳои худро бо тартиби мазкур пешниҳод карда истодаанд.

Бо дарназардошти ҷорӣ намудани барномаҳои дигари рақамӣ муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз дар низоми маъмурикунонии андоз бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, дар асоси муайян намудани нишондиҳандаҳои дақиқи сарбории андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ ва омилҳои онро бавуҷудоваранда қонунгузории амалкунанда тағйиртлаб аст.

Мутобиқи моддаи 109 Кодекси андози амалкунанда меъёри андоз аз фоидаи фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо 13 фоиз ва дигар намудҳои фаъолият 23 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ муайян карда шудааст.

Тибқи таҳлилҳо маҳз ҳамин муқаррарот оид ба андозбандии "на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ" ба баланд шудани сарбории андози фоидаи соҳибкорӣ таъсир мерасонад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф кардани духӯрагӣ дар раванди ситонидани андоз аз фоида аз Кодекси андоз хориҷ намудани мафҳуми «вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар солҳои охир, зарурати ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар ва татбиқи консепсияи иқтисодиёти рақамӣ соли 2020 Кодекси андозро дар таҳрири нав таҳия ва татбиқ намояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Нақши мақомоти гумрук дар ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангии кишвар, инчунин, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад.

Хадамоти гумрук ҳоло назорат ва барасмиятдарории гумрукии молҳоро дар 24 гузаргоҳи наздисарҳадии автомобилӣ, 4 гузаргоҳи роҳи оҳан, 1 гузаргоҳи дарёӣ, 5 гузаргоҳи нақлиёти ҳавоӣ анҷом медиҳанд. Бояд гуфт, ки солҳои охир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаву технологияҳои муосири назоратӣ ва озмоишгоҳӣ беҳтар гардида истодааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд солҳои охир 10 дидбонгоҳи гумрукӣ сохта, дар қисми боқимондаи онҳо корҳои таъмир ва муҷаҳҳазгардонӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Аммо ҳанӯз интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар ҳамаи гузаргоҳҳо тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монда нашудааст, ки чунин вазъ ба сифати иҷрои вазифаҳои мақомоти гумрук монеа эҷод менамояд.

Аз ин рӯ, Хадамоти гумрукро зарур аст, ки оид ба муҷаҳҳазгардонии дидбонгоҳу озмоишгоҳҳо чораҳои зарурӣ андешида, корҳоро дар самти ташкили низоми электронии назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ ҷоннок намоянд.

Илова бар ин, ташкили низоми иттилоотии ягонаи мақомоти гумрук, аз ҷумла тақвият бахшидан ба низоми идораи хавфҳо ва назорати гумрукӣ бояд самаранок татбиқ гардида, ҳамзамон бо ин, корҳо дар самти ташкили низоми "Равзанаи ягона" ва "Истгоҳи ягона" давом дода шаванд.

Тибқи таҳлилҳо вақти зарурӣ барои анҷом додани расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми содироти молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ 66 соат ва барои воридот 126 соатро ташкил медиҳад.

Бинобар ин, зарур аст, ки расмиёти маъмурии танзими савдои беруна аз ҷониби Хадамоти гумрук, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Агентии "Тоҷикстандарт", Хадамоти давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти алоқа ва дигар сохторҳои дахлдор дар доираи низоми "Равзанаи ягона" ҳарчи зудтар ҳамоҳанг карда шавад.

Ҳарчанд ки ҷараёни мукаммалгардонии қонунгузории соҳа ба осон гардидани расмиёти гумрукӣ мусоидат намуд ва ҳуҷҷатҳои ҳангоми декларатсия кардани мол пешниҳодшаванда аз 10 то 5 номгӯй кам карда шуданд, вале барои ба меъёру стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ гардонидани он бояд корҳои зиёде ба анҷом расонида шаванд.

Роҳбарияти Хадамоти гумрукро зарур аст, ки имкониятҳои мақомотро дар ошкор кардани қонунвайронкуниҳои гумрукӣ, пешгирӣ намудани қочоқи мол ва дигар қонунвайронкуниҳо тақвият бахшад.

Иҷрои ин корҳо барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои имкониятҳои зиёди транзитӣ хеле муҳим мебошад, то ки шаффофияти амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ хеле пурра таъмин гардида, ба ширкатҳои логистикӣ ва боркашонии байналмилалӣ ҷолиб гардад.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи долонҳои нақлиётии Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) дар ҳудуди Тоҷикистон роҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ бунёд гардида, гузаргоҳҳои байналмилалии транзитӣ таъсис ёфта истодаанд.

Бо ин мақсад, бояд рақамикунонии пардохтҳои гумрукӣ бо истифода аз низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, назорати фосилавии фаъолияти дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ, иттилоотонии пешакӣ ва монанди инҳо ташаккул дода, ҳамзамон бо ин, ҳамгироии ҳатмии "Равзанаи ягона" бо низоми иттилоотии мақомоти молия, андоз, бонкҳо ва дигар вазоратҳу идораҳои дахлдор таъмин карда шавад.

Амалӣ гардидани тадбирҳои мазкур ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар самти дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ низ мусоидат менамояд.

Тибқи таҳлилҳо соли 2009 ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ 1,5 миллиард сомониро ташкил карда, соли 2018 ин нишондиҳанда ба 4,9 миллиард сомонӣ расидааст, яъне 3,3 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, ҳанӯз захираҳои зарурӣ доир ба пурзӯр намудани фаъолият дар самти

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт зиёданд ва бояд аз онҳо ҳарчи васеъ ва пурра истифода карда шавад.

Дар давоми солҳои 2009-2018 аз ҷониби мақомоти гумрук қариб 50 ҳазор ҳолати ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ошкор ва ба қайд гирифта, ба маблағи 51 миллион сомонӣ ҷарима ва 453 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ рӯёнида шудаанд.

Тибқи маълумот ҳодисаҳои нодуруст ба расмиёт даровардани молу воситаҳои нақлиёт ва нодуруст истифода бурдани усули муайян намудани арзиши гумрукии мол ҳангоми интиқоли он аз сарҳади гумрукӣ ҳанӯз зиёданд.

Як қатор кормандони мақомоти гумрук зимни амалигардонии фаъолияти хизматии худ ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезананд, ки чунин амали онҳо боиси ба буҷет ворид нашудани маблағҳои калон мегардад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2015-ум 826 ҳолати нодуруст ҳисоб кардан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ошкор карда шуда, аз ин ҳисоб 15 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукии иловагӣ ошкор ва 14,7 миллион сомонии он ба буҷет барқарор карда шудааст.

Санҷишу таҳлилҳои прокурорӣ ҳолатҳои зиёди қочоқи молу маҳсулотро низ ошкор намудаанд.

Омили асосии қочоқи молу маҳсулот пурра риояи нагардидани талаботи қонунгузории гумрук дар минтақаҳои сарҳадӣ, бахусус, дар вилояти Суғд мебошад.

Дар минтақаҳои сарҳадии ҳудуди вилоят (бо Ҷумҳурии Қирғизистон) зиёда аз 164 гузаргоҳи ғайрирасмӣ вуҷуд дорад, ки аксарияти онҳо дар маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир буда, тавассути онҳо мунтазам қочоқи молу маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳатто асъори нақди хориҷӣ ва маҳсулоти заргарӣ сурат мегирад.

Ҳодисаҳои қочоқ бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Спитамен ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бартараф намудани гузаргоҳҳои ғайриқонунии сарҳадӣ, ҳолатҳои тавассути онҳо ғайриқонунӣ интиқол додани молу воситаҳои нақлиёт ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои коррупсионӣ аз ҷониби масъулини соҳа вобаста ба рӯйпӯш намудани чунин ҳолатҳо чораҳои қатъӣ андешанд.

Таъкид бояд кард, ки баъзе кормандони мақомоти гумрук ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон ба ҳолатҳои суиистифода аз мансаб, бемасъулиятӣ ва беамалӣ роҳ медиҳанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар давраи солҳои 2009-2018 дар Хадамоти гумрук ва сохторҳои зертобеи он 48 тафтишу санҷиши молиявӣ анҷом дода, зарари молиявиро ба маблағи 54 миллион сомонӣ муайян намудааст, ки аз он 47 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ мебошад.

Барои роҳ додан ба камбудиҳои молиявӣ нисбат ба 27 нафар шахсони масъул ҷазоҳои интизомӣ татбиқ гардидааст ва аз онҳо 10 нафар аз вазифаи ишғолнамудаашон озод карда шудаанд.

Дар ин давра 51 нафар кормандӣ Хадамоти гумрук ва сохторҳои зертобеи он 94 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хислати коррупсионидошта содир кардаанд.

Роҳбарияти Хадамоти гумрукро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда, пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони мақомот, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо аз ҳисоби мутахассисони кордону поквиҷдони соҳа ва ҷойивазкунии доимии онҳо мунтазам чораҷӯӣ намояд.

Ҳамчунин, масъалаҳои доир ба фаъолияти соҳа зикршуда ҳангоми таҳияи Барномаи миёнамӯҳлати рушди Хадамоти гумрук барои солҳои 2020-2024 пурра ба эътибор гирифта шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар буҳронӣ гардид.

Бинобар ин, аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳа иҷозатномаи ду бонке, ки мушкилот доштанд, бозхонд карда шуд, ба қарори дахлдори Ҳукумати кишвар нисбат ба ду бонки қаблан низомсоз тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати барқарор кардани сармоя ва солимгардонӣ ба тасвиб расид. Мутаассифона, бо вуҷуди дастгирии Ҳукумати мамлакат вазъи ин ду бонк беҳтар нагардид.

Хотирнишон месозам, ки камбудиҳои мавҷудаи сохторӣ, аз ҷумла зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол, паст будани сатҳи захираҳои софи байналмилалӣ, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Бар замми ин, риояи нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ба коста гардидани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ замина гузошт.

Бинобар ин, Бонки миллиро зарур аст, ки дар самти боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ ва риояи меъёрҳои қобили қабул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими вазъи молиявии онҳо ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои амалиро мунтазам роҳандозӣ намояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ то оғози буҳрони бонкӣ, яъне соли 2014 дар кишвар 137 ташкилоти қарзӣ вуҷуд дошт ва то соли 2018 шумораи онҳо ба 79 ташкилот расид.

Бо сабабҳои муфлисшавӣ ва ё фаъолият накардани ташкилотҳои қарзӣ, махсусан, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки шумораашон аз 125 дар соли 2012 то 62 дар соли 2018 кам гардид, аз ҷониби Бонки миллӣ иҷозатномаи онҳо бозхонд карда шуд.

Дар робита ба ин, Бонки миллиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ва барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо бо роҳи ҷоннок намудани назорати бонкӣ, арзёбии дороии бонкҳо ва мониторинги доимии вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тақвият бахшад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар шароити рақобати бозорӣ танҳо ташкилотҳои қарзие, ки маҳсулоти нави бонкӣ ва хизматрасониҳои гуногуни инноватсиониро пешниҳод менамоянд, мавқеи худро дар бозор устувор карда метавонанд.

Барои таъмин намудани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба низоми бонкии кишвар ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис аз 80 то ба 50 миллион сомонӣ кам карда шуд.

Гарчанде дороии умумии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2018 маблағи 21 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2009-ум 3,9 баробар афзудааст, аммо ҳаҷми он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 26,2 фоиз ҳамагӣ то 30,8 фоиз афзудааст.

Шумораи суратҳисобҳои бонкии барои мизоҷон кушодашуда дар даҳ соли охир 10 баробар афзоиш ёфта, ба ҳолати 1 апрели соли 2019 зиёда 3,5 миллион суратҳисобро ташкил додааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2018 бақияи умумии пасандозҳои низоми бонкӣ қариб 10 миллиард сомонӣ ва даромади пулии аҳолӣ беш аз 41 миллиард сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2009 мутаносибан 3,7 ва 3,8 баробар зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкии кишвар ба ҳар як суратҳисоби амонатӣ, ки 3,5 миллион ададро ташкил медиҳад, ба ҳисоби миёна 2850 сомонӣ рост меояд, ки ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2018 маблағи 8,7 миллиард сомониро ташкил карда, нисбат ба соли 2009-ум 2,9 баробар зиёд шудааст.

Баробари зиёдшавии қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои ба шахсони вобаста додашуда дар зарфи солҳои 2009-2015, аз ҷумла ҷой доштани дороиҳои зиёди ғайри қобили пардохт хавфҳои дар низоми бонкӣ ҷойдошта дучанд гардидаанд.

Сармояи як қатор бонкҳо то ҳол дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад, ки барои пешниҳод намудани қарзҳои нав маҳдудият эҷод менамояд.

Танҳо дар ду соли охир ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 2 миллиард сомонӣ кам шуда, ҳиссаи онҳо дар таркиби сандуқи қарзӣ ба санаи 31 декабри соли 2018-ум 30,3 фоизро ташкил додааст, ки ҳанӯз ташвишовар мебошад.

Мувофиқи маълумоти Прокуратураи генералӣ дар давоми даҳ соли охир дар низоми бонкии кишвар нисбат ба 372 нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва ба маблағи зиёда аз 2,1 миллиард сомонӣ зарари дар натиҷаи амали онҳо ошкоргардида барқарор карда шудааст.

Соли 2018 Палатаи ҳисоб зимни санҷиши Бонки миллӣ зарари молиявиро дар ҳаҷми 8,3 миллион сомонӣ ошкор кардааст.

Илова бар ин, роҳбарияти бонк солҳои қаблӣ ба кормандони худ ба маблағи 61 миллион сомонӣ қарзи бефоиз додааст, ки 14 миллион сомонии он имрӯзҳо мушкилситон гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо масъулини бонкҳо ба азонихудкунии маблағҳои пулӣ даст зада, ба шахсони наздики худ бидуни таъмини гарав ва ғайриқонунӣ қарзҳои бонкӣ додаанд.

Дар давраи солҳои 2007-2018 Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия нисбат ба 177 нафар кормандӣ бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ 483 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хислати коррупсионидоштаро ошкор кардааст, ки ба 158 ҳолати онҳо марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 131 ҳолат ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз, 45 ҳолати қаллобӣ, 35 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда, 12 ҳолати сохтакории хизматӣ ва 102 ҳолат ҷиноятҳои дигар мебошанд.

Аз ҷониби Прокуратураи генералӣ нисбат ба кормандони Ҷамъияти саҳҳомии "Агроинвестбонк" ва дигар шахсоне, ки ба тасарруфи маблағҳои қарзӣ даст задаанд, 68 парвандаи ҷиноятӣ оид ба тасарруфи 40 миллион сомонӣ оғоз карда шудааст.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар давраи солҳои 2010-2018 нисбат ба 116 нафар кормандӣ бонки мазкур 331 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хислати коррупсионидоштаро ошкор кардааст, ки аз ин 135 ҳолат ҷиноятҳои вобаста ба ғайриқонунӣ додани қарз, 11 ҳолат ришвадиҳии тиҷоратӣ, 50 ҳолат қаллобӣ, 47 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда, 18 ҳолати азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 6 ҳолати сохтакории хизматӣ ва 61 ҳолат ҷиноятҳои дигар мебошанд.

Санҷиши дурустии амволи ба гарав гузоштешуда бо ҷалби мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлия муайян намудааст, ки арзиши аслии 78 номгӯи амволи тибқи нархгузории аввала 870 миллион сомонӣ нархгузоришуда ҳамагӣ 401 миллион сомониро ташкил дода, комиссияи нархгузорӣ онҳоро дар ҳаҷми 468 миллион сомонӣ барзиёд нарх гузоштааст.

Ҳангоми тафтиши 47 парвандаи қарзӣ ба маблағи 735 миллион сомонӣ ҳолатҳои талаф ва тасарруфи маблағҳои қарзӣ, изофанависӣ дар арзиши амволи ба ивази қарз гирифташуда, бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ ва бо роҳи сохтакорӣ ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз ба маблағи 490 миллион сомонӣ муайян карда шудааст.

Дар ин радиф, дар солҳои 2017-2018 дар натиҷаи корбарӣ ва санадҳои эътинои прокурорӣ 622 миллион сомонӣ қарзҳои мушкилситон ба манфиати ин бонк барқарор карда шудаанд.

Дар ин давра ба судҳои иқтисодӣ 55 аризаи даъвогӣ ба маблағи 209 миллион сомонӣ оид ба рӯёнидани қарзи бонк аз ҳисоби амволи ба гарав гузоштешуда пешниҳод гардидааст.

Бо сабаби берун аз марзи кишвар қарор доштани як қатор қарздорон рӯёнидани маблағи қарзи онҳо ғайриимкон гардида, аз ҳудуди Тоҷикистон баромадани 1808 нафар, ки аз бонк ба маблағи 414 миллион сомонӣ қарздоранд, пешгирӣ карда шуд.

Дар баробари ин, 8406 нафар шаҳрванд аз бонк ба маблағи 752 миллион сомонӣ қарздор мебошад, ки аз ин ҳисоб 716 миллион сомонӣ ё 95 фоизи онҳо қарзҳои батаъхирафтода мебошанд.

Солҳои 2016-2019 аз ҷониби Прокуратураи генералӣ дар натиҷаи санҷиши фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии "Тоҷиксодиротбонк" 60 парвандаи ҷиноятӣ ба маблағи 65 миллион сомонӣ оғоз карда шудааст, ки аз он 9 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахсони мансабдори бонк оид ба ғайриқонунӣ додани қарз ва азонихудкунии маблағҳои бонк мебошад.

Дар маҷмӯъ, бо санадҳои эътинои прокурорӣ 1,4 миллиард сомонӣ маблағҳои пулӣ, амволи ба гарав гузоштешуда ва дигар амволи қарздорон ба манфиати бонк барқарор карда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ.6)**

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

**(Аввалаш дар саҳ.2-5)**

Зимни санҷишҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия низ ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва амалҳои коррупсионӣ дар низоми бонкии кишвар ошкор гардидаанд.

Аз ҷониби Агентӣ дар солҳои 2009-2018 дар Бонки давлатии «Амонатбонк» 235 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, ба маблағи 151 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ва қариб 2 миллион сомонӣ истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ ошкор гардидааст.

Дар аксари мавридҳо шахсони қарзгиранда аз беназоратӣ ва бепарвоии комиссияи нархгузорӣ ва масъулони бонки мазкур истифода карда, амволи ночизро бо мақсади минбаъд ба пул табдил додан бо нархи гарон ба гарав мондаанд.

Ба сифати гарав амволе қабул шудааст, ки арзиши аслии он ба таври сунъӣ аз арзиши бозорӣ чандин баробар баланд нархгузорӣ шудааст. Ин ҳолат ба фурӯши саривақтии амволи гарав монеа гардида, минбаъд барои мушкилситон шудани қарз замина гузоштааст.

Махсус зикр бояд кард, ки як қисми қарзгирандагон бо мақсади халосӣ ёфтан аз амволи бозорногузар ва ба пул мубаддал гардонидани он баъди гирифтани қарз фоизҳои онро умуман пардохт намекунанд ва қарзи асосиро низ дар муҳлати муайяншуда барнамегардонанд, ки ин барои даст кашидан аз амволи ба гарав гузошташуда замина мегардад.

Санҷиши интихобии 13 парвандаи қарзӣ муайян намудааст, ки комиссияи нархгузории бонк 37 номгӯй амволи гуногуни қарзгирандагонро 112 миллион сомонӣ ё ба таври сунъӣ ба маблағи 46 миллион сомонӣ барзиёд нархгузорӣ карда, ба онҳо ба маблағи 63 миллион сомонӣ қарзи бонкӣ пешниҳод кардааст. Дар ҳоле ки арзиши амволи зикршуда ҳамагӣ 66 миллион сомониро ташкил кардааст.

Дар ин давра аз ҷониби Агентии мазкур нисбат ба 303 нафар корманди "Амонатбонк" 818 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хислати коррупсионидошта ошкор гардидааст, ки 317 ҳолати онро ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 222 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда ва ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз мебошад.

Масалан, сармуҳосиб ва мудири хазинаи филиали бонк дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Муъминов С. ва Шарифов С. бо истифода аз мақоми хизматӣ қариб 10 миллион сомонӣ ва 46 ҳазор доллари дар хазинаи бонк қарордоштаро азони худ кардаанд.

Ҳамзамон бо ин, аз беназоратӣ ва фориғболии шахсони масъул истифода карда, кормандони алоҳидаи бонк ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар 211 ҳолат нафақаи шахсони фавтидаро ба маблағи 360 ҳазор сомонӣ тасарруф кардаанд.

Чунончи, маъюби гурӯҳи дуюм, нафақахӯр Лебедева Надежда 1-уми ноябри 2012 вафот кардааст, аммо дар давоми 25 моҳ ба суратҳисоби нафақаи ӯ зиёда аз 20 ҳазор сомонӣ пардохт шуда, аз ҷониби корманди "Амонатбонк" Алифбеков Э. бо истифодаи корти бонкии қалбакӣ тасарруф гардидааст.

Дар байни солҳои 2009-2018 зимни санҷишҳои аз ҷониби Агентӣ дар Бонки саҳҳомии «Тоҷпромбонк» гузаронидашуда зиёда аз 100 ҳолати ҷиноят ошкор шудааст, ки 36 ҳолати он ба азонихудкунии маблағҳо ва 26 ҳолат ба ғайриқонунӣ додани қарз рост меояд.

Санҷиши бонк танҳо дар соли 2017 муайян намуд, ки масъулини бонк ҷиҳати пешгирии хавфи барнагардонидани маблағи қарз чораҳои зарурӣ наандешида, баръакс, барои ҳарчи зудтар интиқол додани маблағҳо ба хориҷи кишвар ба қарзгирандагон мусоидат намудаанд, ки дар натиҷа бонк аз ҳисоби ин амалиётҳо ба маблағи 62 миллион сомонӣ зарар дидааст.

Мисолҳои зикршуда ва дигар ҳолатҳои қонунвайронкунӣ дар низоми бонкии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки назорати бонкӣ солҳои тӯлонӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, аз ин вазъ шахсони алоҳида суистифода намудаанд ва дар натиҷа ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар зарари зиёд расонида шудааст.

Илова бар ин, тавре ки зикр шуд, қисми бештари амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандагон бо ҳар гуна воситаву усулҳои ғайриқонунӣ нодуруст (яъне даҳҳо баробар баланд) баҳогузорӣ гардидааст.

Инчунин, номукаммал будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи нархгузорӣ боиси ба вуҷуд омадани камбудиҳо дар самти баҳогузории молу мулк гардидааст.

Аз ҷумла, дар натиҷаи санҷиши Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия муайян карда шуд, ки аз ҷониби кормандони Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба нархгузории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2017-ум 99 иншооту биноҳои бартарафшудаи шаҳри Душанбе ба маблағи 26,5 миллион сомонӣ барзиёд нархгузорӣ карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати кишварро зарур аст, ки ҷиҳати таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти нархгузорӣ" чораҷӯӣ намояд.

Дар баробари ин, вобаста ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар хусуси ба фурӯши оммавӣ баровардани амволи таҳти гарав қарордошта бояд корбарӣ карда шавад.

Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияро зарур аст, ки якҷо бо Бонки миллӣ фаъолияти худро ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва коррупсионӣ дар низоми бонкии кишвар, инчунин, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири назорат дар ин самт ҳамоҳанг созанд.

Дар назар бояд дошт, ки саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар калон буда, фаъолияти муътадили иқтисодиёт аз сифат ва гуногуннамудии хизматрасониҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Тайи даҳ соли охир аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар зиёда аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, вале ҳаҷми солонаи он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 14,5 то 12,6 фоиз кам гардидааст.

Тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалӣ ҳангоми ба 23 фоиз баробар намудани ин нишондиҳанда иқтисодиёти кишвар ҳар сол 1,5 фоиз зиёдтар рушд меёбад. Яъне дар ин ҳолат суръати рушди иқтисодӣ дар кишвар ба 9 фоизи солона баробар мегардид.

Дар ин давра ба иқтисодиёт 36,8 миллиард сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд ва танҳо соли 2018 ин нишондиҳанда ба 4,8 миллиард сомонӣ ё қариб 60 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои солона баробар гардидааст.

Фоизи нисбатан баланди қарз яке аз омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкории истеҳсолӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад, ки ин масъаларо ман мунтазам таъкид менамоям.

Бонки миллиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ва зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус, ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда чораҳои қатъӣ андешад.

Роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ бояд дар самти паст намудани фоизи қарзҳо корбарӣ намуда, ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Бо дарназардошти бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ ва манфиатҷӯӣ дар низоми бонкӣ зарур аст, ки дар ташкилотҳои қарзӣ, сарфи назар аз шакли моликият, дар зинаҳои роҳбарикунандаи идоравӣ ва муҳосибӣ аз як оила фаъолият кардани якчанд нафар маҳдуд намуда, ба қонунгузории дахлдор тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки дар асоси таъсиси комиссияи босалоҳият аз моҳи июни соли 2019 сар карда, тамоми мансабдорону кормандони мақомоти молия, андоз ва гумрукро аз аттестатсия гузаронад.

Дар баробари ин, бо дарназардошти талаботи замони муосир зарур аст, ки низоми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мунтазам такмил дода, ба Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд.

Ба Бонки миллӣ зарур аст, ки тартиби арзёбии фаъолияти кормандони низоми бонкиро мукаммал гардонида, онро дар ҳамаи ташкилотҳои қарзии кишвар татбиқ намояд ва ҳамзамон бо ин, ба тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ тағйироти зарурӣ ворид намояд.

Ҳамчунин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки низоми эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии мансабдорон ва кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо ва дигар хизматчиёни давлатиро мукаммал гардонад.

Илова бар ин, такроран хотирнишон месозам, ки дар низоми бонкии кишвар кормандон аз ҳисоби занону бонувон бояд бештар ба кор қабул карда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки ҷиҳати тақвият додани заминаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ корҳои амалӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи дурнамои ҳамасолаи сиёсати пулию қарзӣ бояд суботи молиявии кишвар таъмин гардида, фишангҳои пулию қарзӣ самаранок истифода ва механизмҳои таъсирбахшии онҳо ҷорӣ карда шаванд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, вазъи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифодаи низоми пардохт, аз ҷумла терминалҳо ва муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз тарафи аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва на ҳамаи бонкҳои кишвар чунин хизматрасониро ба таври кофӣ пешниҳод менамоянд.

Бонки миллӣ вазифадор аст, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин дар ин самт, алахусус, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" чораҷӯӣ намояд.

Ҳамчунин, Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк" ва бонкҳои тиҷоратӣ бояд корро ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла фондҳои байналмилалӣ ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷии дуру наздик тақвият бахшида, доир ба ҷолиб гардонидани низоми бонкӣ барои сармоягузорӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Инчунин, зарур аст, ки доир ба ҳалли масъалаи норасоии асъори хориҷӣ дар бозори кишвар, фарқияти байни қурби бозорӣ ва расмии асъор ва бартараф намудани амалиёти ғайриқонунии асъор корҳои амалиро ба анҷом расонад.

Вазорати молия, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати рушди инфрасохтори зарурӣ ва ташкили дурусти бозори такрории коғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва фаъол гардонидани иштироки ташкилоту муассисаҳо дар ин бозор тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Бонки миллӣ вазифадор карда мешавад, ки доир ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми бонкӣ ва суғурта, назорати фаъолияти ширкатҳои суғурта, фаъол гардонидани бозори суғуртаи ихтиёрӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ корҳои амалиро ба роҳ монад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки мебинем, дар баробари пешравиҳо дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар то ба имрӯз дар фаъолияти соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо камбудиҳои зиёд низ ба назар мерасанд.

Ҳукумати кишварро зарур аст, ки барои сари вақт ислоҳ намудани камбудиҳои зикршуда тибқи нақшаи чорабиниҳои алоҳидаи ҳар яке аз мақомоти масъул ва расидан ба нишондиҳандаҳои стратегии кишвар ва барномаҳои соҳавӣ корҳои назоратиро ба таври қатъӣ ба роҳ монад.

Таъмин намудани рушди дарозмуддати Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ҳадафи олии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар ин самт ҳамаи мо масъул мебошем.

Амалӣ намудани нақшаҳои тасдиқшуда аз фаъолияти ватандӯстона ва ҳисси баланди масъулияти шумо – роҳбарону мутахассисони мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин, ҳар як хизматчии давлатӣ вобаста мебошад.

Бори дигар таъкид месозам, ки иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, истифодаи шаффофу самараноки маблағҳо, таъмини устувории пули миллӣ, баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти самаранок ва бехатари низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини роҳбарону масъулони бахши иқтисодӣ мебошанд.

Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки ҷалби сармояи хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳо, истифодаи самаранок ва мақсадноки иншооти дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бунёдгардида, дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, афзоиши маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт ва дигар тадбирҳо барои босифат амалӣ шудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин ҷода ба ҳамаи шумо муваффақият ва барори кор орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

# Таҳлили самти фаъолият
## оид ба бақияи қарзи андозҳо

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалсаи корӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои афзоиши бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, хусусан, бақияи қарзи андози иҷтимоӣ, ҳолати рафти татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва ҳолати иҷрои қарорҳои дар ин самт қабулгардида, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор, ирсол намудани огоҳинома ба андозсупорандагони қарздор, муҳокимаи фаъолияти Гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба рӯёнидани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ, ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 29.01.2018, №43 ташкил гардидааст, баррасӣ гардид.**

Дар ҷаласа роҳбарияти Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозиротҳои андоз иштирок доштанд.

Ҷаласаро сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов оғоз намуда, доир ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасишаванда суханронӣ кард. Ӯ қайд намуд, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз, ҷаласаҳои баргузоршуда ва мактубҳои дастурии ба мақомоти ҳудудии андоз ирсолшуда, дар самти кам намудани бақияи қарзи андозҳо ҳоло ҳам камбудиҳо норасоиҳо дида мешавад.

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 апрели соли 2019-ум 723563,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 2 109,2 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Қайд шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Сино 927,8 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 839,1 ҳазор сомонӣ, Роғун 4467,5 ҳазор сомонӣ, Сангвор 444,1 ҳазор сомонӣ, Файзобод 109,6 ҳазор сомонӣ, Рашт 15,0 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 193,2 ҳазор сомонӣ, Нуробод 98,2 ҳазор сомонӣ, Ёвон 2002,1 ҳазор сомонӣ, Левакант 183,0 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 518,3 ҳазор сомонӣ, бахши НАМ дар шаҳри Истаравшан 297,1 ҳазор сомонӣ, Хоруғ 341,6 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 16,6 ҳазор сомонӣ ва Нозироти андозсупорандагони калон 8731,3 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Масъалаи ташвишовари дигар, ин бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Бақияи қарз гарчанде нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 1 445,6 ҳазор сомонӣ кам гардида бошад ҳам, ба санаи 1 марти соли ҷорӣ ба 15500,0 ҳазор сомонӣ расидааст. Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ



ба ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вахш 3602,6 ҳазор сомонӣ, Ёвон 3 433,1 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 1982,5 ҳазор сомонӣ, Восеъ 1440,1 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 426,9 ҳазор сомонӣ, Фархор 671,1 ҳазор сомонӣ, Кушониён 353,5 ҳазор сомонӣ, Норак 233,3 ҳазор сомонӣ, Сино 162,6 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 2169,1 ҳазор сомонӣ ва Турсунзода 219,0 ҳазор сомонӣ мансуб аст.

Зокир Қурбонов вобаста ба татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қайд кард, ки дар семоҳи аввали соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз ба маблағи 292547,8 ҳазор сомонӣ нисбати 2274 андозсупорандаи қарздор 3083 қарор тартиб дода шудааст. Аз ин, 1543 қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай ба маблағи 254125,2 ҳазор сомонӣ, 2 қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 274,2 ҳазор сомонӣ ва 1538 қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 38148,1 ҳазор сомонӣ қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 144 803,8 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2019 идома доранд, 15082,6 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки дар натиҷа маблағи умумии ба буҷет воридшуда 159886,4 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Тибқи маълумоти ҷойдошта, агар яке аз сабабҳои асосии сари вақт иҷро нагардидани қарорҳои мазкур, ин пурра ва ба таври дахлдор фаъолият накардани андозсупорандагон, нагузаронидани амалиётҳои бонкӣ тариқи суратҳисоб аз ҷониби онҳо ва дар тавозуни худ надоштани молу мулки барои пӯшонидани уҳдадориҳои андозӣ кифоякунанда ба ҳисоб равад, сабаби дигар дар наандешидани тадбирҳои зарурӣ ва саривақтии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби баъзе мақомоти ҳудудии андоз мебошад.

Зикр шуд, ки яке аз чораҳои таъсирбахши таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ин тахти ҳабс қарор додан ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти тайёри андозсупоранда мебошад. Таъкид гардид, ки дар аксарияти андозсупорандагони қарздори дар қайди нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, алалхусус, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, НАМ ва НАК-буда, ки ба хариду фурӯш ва воридоти молу маҳсулот машғул мебошанд, қабул ва иҷро гардидани қарорҳои ҳабси молу маҳсулот имконпазир аст.

Новобаста аз он ки дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ шумораи андозсупорандагони қарздор нисбат ба аввали соли 2019 ҳамагӣ 4341 адад кам шудааст, мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 44 адад, Сино 93 адад, Шаҳринав 63 адад, Нуробод 41 адад, Сангвор 31 адад, Роғун 19 адад, НАК 18 адад, Муъминобод 194 адад, Ҳамадонӣ 655 адад, Данғара 117 адад, Бохтар 32 адад, Конибодом 389 адад, Панҷакент 24 адад, Шаҳристон 20 адад, Айнӣ 15 адад, Ҷаббор Расулов 21 адад ва ВМКБ 9 адад зиёд гардидааст.

Ҳолати дигаре, ки вақтҳои охир боиси нигаронӣ гардида истодааст, ин аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз сари вақт талаб накардан ва дар барномаи Системаи муттаҳидаи иттилootии идоракунии андозҳо ворид накардани маълумот оид ба суратҳисобҳои бонкии аз ҷониби андозсупорандагон кушодашуда мебошад, ки чунин ҳолат дар натиҷа боиси аз назорат ва титбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дур мондани суратҳисобҳои бонкӣ шуда истодааст. Бахусус, дар шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар 18 ҳолат, Восеъ 21 ҳолат, Данғара 17 ҳолат, Кӯлоб 22 ҳолат, Бохтар 19 ҳолат, Шоҳмансур 28 ҳолат, Исмоили Сомонӣ 21 ҳолат, Фирдавсӣ 17 ҳолат, Сино 22 ҳолат, Мастчоҳ 27 ҳолат, Зафаробод 24 ҳолат, Ваҳдат 13 ҳолат, Варзоб 9 ҳолат, Роғун 7 ҳолат, Рӯдакӣ 12 ҳолат, Ҳисор 15 ҳолат, Нозироти андозсупорандагони калон 25 ҳолат ва Нозироти андозсупорандагони миёна дар 25 ҳолат муайян ва ошкор шудааст.

Дар ҷаласа зикр шуд, ки бо мақсади рӯёнидани маблағи қарзи андозҳои дар натиҷаи корҳои назоратӣ бавуҷудомада дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 29 январи соли 2018, №43 гурӯҳҳои кории доимоамалкунанда "Оид ба рӯёнидани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ" аз ҳисоби кормандони Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз таъсис дода шудаанд.

Дар ин давра аз ҷониби Гурӯҳи кории Дастгоҳи марказӣ аз ҳисоби 30 андозсупоранда 6296,6 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби 28 андозсупоранда 601,2 ҳазор сомонӣ, аъзои Гурӯҳи кории Раёсати андоз дар вилояти Хатлон аз ҳисоби 10 андозсупоранда 1881,0 ҳазор сомонӣ, аъзои Гурӯҳи кории Раёсати андоз дар вилояти Суғд аз ҳисоби 3 андозсупоранда 587,2 ҳазор сомонӣ, аъзои Гурӯҳи кории Нозироти андозсупорандагони миёна аз ҳисоби 1 андозсупоранда 372,0 ҳазор сомонӣ, аъзои Гурӯҳи кории шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд аз ҳисоби 5 андозсупоранда 388,8 ҳазор сомонӣ ва аъзои Гурӯҳи кории НАК аз ҳисоби 2 андозсупоранда 160,3 ҳазор сомонӣ ворид шудаасту халос.

Дар охир ба иштирокчиёни ҷаласа оид ба пешгирии пайдоиш ва сари вақт ситонидани қарзи андозҳо, кам намудани шумора ва маблағи қарзи андозҳо, сари вақт ирсол намудани огоҳиномаҳо ва ташкил кардани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагони қарздор, самаранок татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва таъмини саривақтии иҷрои қарорҳои дар ин самт қабулгардида, дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН,**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## Номгузории кӯчаҳо ба хотираи кормандони андоз

**Дар рӯзҳои таҷлили Иди касбии кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯчаҳои марказии деҳаи Хушекат ва Дашти Хушекати Ҷамоати деҳоти Айнии ноҳияи Айнӣ ба номи собиқ кормандони Нозироти андози ноҳия Муллонасим Шодмонов ва Иномиддин Атобуллоев гузошта шуд.**

19-уми январи соли равон бар асари ҳодисаи нохуш ва садамаи нақлиётӣ риштаи ҳаёти ин ду корманди беҳтарини соҳаи андоз канда шуд. Ҷиҳати пос доштани хотираи онҳо, ки дар таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ саҳми арзанда доштанд, қарори Маҷлиси вакилони Ҷамоати деҳоти Айнӣ аз 9-уми апрели соли 2019 №94 оид ба гузоштани номи онҳо ин кӯчаҳои марказии деҳа ба тасвиб расид.

Дар маросими тантанавии номгузории кӯчаҳо намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати андози вилояти Суғд, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, кормандони нозироти андоз ва сокинони деҳа ширкат варзиданд. Раиси ноҳия Муродзода Муқим Қаюм, сардори Раёсати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов, муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Маъруфзода Бурҳон Маъруф ва сокинони деҳа зимни суханронӣ аз фаъолияти корӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва хизматҳои шоёни ин ду корманди собиқи мақомоти андоз бо некӣ ёдовар шуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**



# Ҷараёни бақайдгирӣ

**Бино ба маълумоти Нозироти андози ноҳияи Ховалинг дар се моҳи аввали соли 2019-ум 25 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 6 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки аз ин ҳисоб 2751 сомонӣ боҷи давлатӣ руёнида шудааст.**

Тавре мутахассиси пешбари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Лутфулло Хоҷазода иттилоъ дод, айни замон дар ҳудуди ноҳия 2700 андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд, ки аз ин рақам 2389 ададашро соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин 2 шахси ҳуқуқӣ ва 47 адад хоҷгии деҳқонӣ низ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки танҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 5170 сомонӣ маблағи андоз пардохт гардидааст. Феълан, дар ҳудуди ноҳия 2001 адад хоҷагии деҳқонӣ, 281 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 107 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда дар қайди нозироти андози ноҳия мебошанд.

– Яке аз вазифаҳои бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ додани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) мебошад, - гуфт Лутфулло Хоҷазода. - Тибқи талаботи моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини шаҳрвандон бо рақами мушаххаси андозсупоранда ройгон мебошад. Дар ин давра бахши бақайдгирӣ ба 1512 сокини ноҳия рақами мушаххаси андозсупоранда додааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Натиҷаҳои самарабахш

**Мақомоти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар партави роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкили дурусти ҳамкориҳо бо мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ тавонистанд барои кормандони соҳа шароити мусоиди корӣ фароҳам созанд ва дар ин замина, аз уҳдаи вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда сарбаландона бароянд. Ҳамасола мутахассисони соҳа ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами мақомоти андози дигар давлатҳо ба хориҷ аз кишвар сафар менамоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзиши таҷрибаи мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ барои беҳтар ва самаранoктар намудани фаъолияти мақомоти андози ҷумҳурӣ метавонад бисёр муфид бошад.**



Тавре сардори Раёсати байналмиллалӣ ва андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Манижа Сайфиддинова иттилоъ дод, имсол аз ҷониби кормандони раёсати мазкур як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Аз ҷумла, вохӯрии роҳбарияти Кумитаи андоз бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки осиёгии рушд, сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ва дигар ширкатҳои ватанию хориҷӣ баргузор гардид, ки ҳадаф аз он ҳамкории судманд, дастгирии соҳибкорӣ ва фаҳмондадиҳии қонунгузории андоз оид ба андозбандии байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон, дар доираи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони Мақомоти андозии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ин Шӯро ба ҳисоб меравад, раёсат дар доираи ваколатҳои муайяннамудаи Шӯро 4 маротиба мубодилаи маълумот оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ ва андозбандии байналмилалиро ба анҷом расонидааст.

Моҳи марти соли ҷорӣ дар шаҳри Мелбурни Австралия панҷумин ҷаласаи Форуми байналмилалии ОЭСР дар мавзӯи «Андоз аз арзиши иловашуда» гузаронида шуд, ки дар он мутахассисони соҳа ширкат намуданд. Мақсади асосии сафарбар намудани кормандони мақомоти андоз, омӯзиши таҷрибаи пешқадами мақомоти андози кишварҳои гуногуни ҷаҳон, ташкилотҳои байналмилалӣ, тиҷоратӣ ва академӣ оид ба пешгирии қаллобӣ ва саркашӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, такмили қонунгузории андоз дар самти пешбурди корҳои таҳлилӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ ҷиҳати самаранокии бештари маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз буд.

Қобили қайд аст, ки андоз аз арзиши иловашуда айни замон дар воридоти умумии даромадҳои буҷетии ин давлатҳо 25-30 фоизро ташкил менамояд ва дар солҳои охир аз тарафи андозсупорандагон ҳолатҳои канораҷӯӣ ва саркашӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда мушоҳида мешавад. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар ҳар як кишвар ҳаҷми муайяни аз ҳамдигар тафовуткунанда дорад. Барои мисол, дар Федератсияи Россия 20% - як қисми маҳсулоти хӯрокворӣ, китоб, таҷҳизоти тиббӣ ва ғайра бо фоизи пасттар, дар Фаронса андоз аз арзиши иловашуда 20% - тақрибан миқдори стандартии тамоми молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, дар Австралия 10% - тақрибан барои ҳама молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, дар Сингапур - 5%, Швейтсария - 8%, Ҷумҳурии Корея - 10%-ро ташкил менамояд.

Дар замони муосир, дар заминаи рушди технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ, ба воситаи шабакаи Интернет оид ба фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо амалиёти зиёд анҷом дода мешавад, ки асосан аз тарафи корхонаҳои хориҷӣ амалӣ гардида, аммо даромади дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастовардаи онҳо бино бар номукаммал будани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ин соҳаро ба танзим медароранд, аз андозбандӣ дур монда истодааст.

Вобаста ба ҳолати мазкур, қайд гардид, ки ҳарчи бештар ва дар муҳлатҳои кӯтоҳ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионии нав ҷиҳати сода намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва зиёд кардани ҳадди ақали даромадҳо барои гузаштан ба сифати супорандаи ААИ ва зиёд намудани воридоти андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисоби пешгирии канораҷӯиҳо аз пардохти андозҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ғайр аз ин, ҳайатҳои иштирокчии Форум оид ба мушкилоти ҷойдошта, ки бештар ба кишварҳои рушдкунанда дар бозори босуръат-рушдкунандаи электронӣ меоянд, роҳҳои ҳамкории байналмилалӣ ҷиҳати расонидани кӯмак ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро муҳим арзёбӣ намуданд. Ҳамзамон ҳайатҳои иштирокчӣ пешниҳоди ОЭСР дар бораи ҳамкорӣ бо кишварҳои рушдкунанда ва дигар ташкилотҳои минтақавию байналмилалиро дар таҳияи роҳнамои таҷрибавӣ дар асоси стандартҳои ОЭСР бо дарназардошти талаботи муайян ба ҳолати кишварҳои рушдкунанда қобили қабул ва мувофиқи мақсад донистанд.

Бояд қайд намуд, ки дар Кумитаи андоз дар доираи татбиқи Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, ки аз ҳисоби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мегардад, барномаҳо оид ба пешниҳоди эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда қисман ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бо тариқи электронӣ ҷорӣ шудааст ва бо дарназардошти маълумоти дар Форум бадастовардашуда ин барномаҳо боз ҳам мукаммал мегарданд.

Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандии Кумитаи андоз тасмим гирифтааст, ки вобаста ба самтҳои афзалиятноки муайянгардидаи роҳбарияти Кумитаи андоз фаъолияти худро минбаъд низ хуб ба роҳ монда, бахри дарёфти манбаъҳои нави андоз равона намояд.

**М. УСМОНОВА,**
**корманди шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Минфин США не предоставит демократам налоговые декларации Трампа



**Их запрос не имеет обоснованной законоательной цели**

Минфин США отказался предоставить налоговые декларации президента Дональда Трампа по запросу палаты представителей Конгресса, пишет Росбалт.

Руководитель министерства Стивен Мнучин направил демократуРичарду Нилу, который является председателем налогового комитета, письмо, где сообщил, что запрос сведений о налогах Трампа «не имеет обоснованной законодательной цели», поэтому не будет исполнен.

Запрос налогового комитета был направлен в налоговую службу США, которая является подразделением Минфина, в начале апреля. Депутаты хотели получить налоговые декларации Трампа с 2013 по 2018 гг., так как комитет ведет расследование финансовой деятельности Трампа.

**http://taxpravo.ru/novosti**

# Мақсад - пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз

**Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад ва аз ин рӯст, ки он ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳад, ки маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад. Ин аст, ки мақомоти андоз вазифадор мешаванд, ки дар фаъолияти онҳо корҳои назоратӣ гузаронанд.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид иттилоъ дод, дар се моҳи соли 2019 аз ҷониби кормандони раёсати андоз дар фаъолияти 275 андозсупоранда санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки аз ин 63 санҷиш аз тарафи кормандони раёсат ва 212 санҷиши хотимавӣ аз тарафи кормандони нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе доир гардидаанд.

Дар ин давра, дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашудаи андоз ба маблағи 4,4 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор шудаанд. Аз маблағҳои иловаошкоршуда бо дарназардошти бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта 5,9 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи санҷишҳо 39 адад кам ва маблағи ба буҷет воридгардида 320,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Мавсуф илова намуд, ки бақияи қарзи маблағҳои санадҳои санҷишӣ ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019-ум 25,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ 1,1 млн. сомонӣ кам гардидааст.

- Таҳлили корҳои назоратӣ нишон додаанд, ки дар рафти корҳои назоратӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳолатҳои ҷалби бекайди коргарони кироя, дар қайди мақомоти андоз набудани андозсупорандагон, дуруст истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавӣ (МНХ), барҳамдиҳии сохтакорона ва умуман қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардид,- гуфт О. Муҳаммадсаид.

Яке аз самтҳои асосии корҳои назоратии мақомоти андоз гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозии пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақомоти ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида мешавад.

Назорати камералӣ аз рӯи масъалаҳои мутобиқат кардани маълумоту ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоту ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд, бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз ва дуруст истифода намудани имтиёзҳои андоз анҷом дода мешавад.

Обиди Муҳаммадсаид қайд намуд, ки дар ин давра нисбати 556 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 17,1 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол кардаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 6,6 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод



гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 5,1 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Аз ҷониби кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе нисбати 24 андозсупоранда ба маблағи 277,1 ҳазор сомонӣ огоҳномаҳо ирсол гардидаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 241,2 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва 75,1 сомонии он ба буҷет таъмин шудааст. Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур нисбати 58 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 2,2 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол намуданд. Дар натиҷа, ба маблағи 646,7 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шуда, ба буҷет 473,5 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст.

Аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ нисбати 64 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуда, ба маблағи 1,5 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 878,3 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардида, ба буҷет 807,8 ҳазор сомонӣ пардохт шудааст. Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 249 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол кардаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 1,9 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шуда, ба буҷет 1,6 млн. сомонӣ пардохт гардидааст. Аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Сино нисбати 161 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуда, ба маблағи 10,6 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол гардидааст. Дар натиҷа, ба маблағи 2,9 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардида, ба буҷет 2,1 млн. сомонӣ пардохт шудааст.

Яке аз корҳои назоратӣ ин гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи МНХ мебошад.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе дар фаъолияти 210 андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида шуда, нисбати онҳо ба маблағи 998,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб ёфтааст, ки 586,1 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар ин давра кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 115 хариди назоратӣ ба маблағи 666,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Шоҳмансур 27 адад ба маблағи 87,1 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Исмоили Сомонӣ 11 адад ба маблағи 48,4 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Фирдавсӣ 38 адад ба маблағи 132,0 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Сино 19 хариди назоратӣ ба маблағи 64,7 ҳазор сомонӣ гузаронида, нисбати ҳуқуқвайронкунандаҳо парванда тартиб додаанд.

Гузаронидани санҷиши амалиётӣ аз намуди дигари корҳои назоратӣ маҳсуб мешавад, ки мақсад аз ин амал боз беҳтар гардидани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

Тибқи иттилои О. Муҳаммадсаид, дар ин давра кормандони мақомоти андози шаҳри Душанбе дар асоси 18 амрнома дар фаъолияти 551 андозсупоранда санҷиши амалиётӣ гузаронидаанд, ки аз ин 122 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 107 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 130 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 25 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 167 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 145 нафар шахси воқеие, ки бе қайд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, ошкор ва 926 нафар бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардиданд. Ҳамчунин, нисбати 270 андозсупоранда ба маблағи 727516 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ ба маблағи умумии 904842 сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда, он пурра ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамзамон, 28 нафар андозсупоранда бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин шуданд.

Аз ҷониби кормандони гурӯҳи санҷиши амалиётӣ, назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар семоҳаи аввали соли 2019 нисбати 16 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 48 адад кам мебошад. Даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 373954 сомонӣ буда, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 675276 сомонӣ зиёд шуд, ки фарқият 301322 сомониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба корҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон корҳои назоратӣ гузаронанд. Инчунин, камбудиҳои ҷойдоштаро давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолиятро хубтар намоянд. Соҳибкоронро низ зарур аст, ки қонунгузории андозро риоя намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тадбирандешӣ

**Чанде пеш дар Нозироти андозсупорандагони миёна бо мақсади тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо бо роҳбарон, сармуҳосибон ва намояндагони корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва харидуфурӯши молҳои зераксизӣ машғуланд, семинар-машварат доир гардид.**

Семинар-машваратро сардори Нозироти андозсупорандагони миёна Ф. Сафарализода оғоз намуда, қайд кард, ки бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ ва имкониятҳои фарох андешида мешавад. Бо ин мақсад, 21.02.2018 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» қабул шудааст, ки дар асоси гузаронидани тамоми намуди санҷишҳо нисбати соҳибкорони истеҳсолӣ мораторий эълон гардид.

Вобаста ба ин, андозсупорандагонро зарур аст, ки дар ҷавоб ба дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо, шумораи коргарони кироя, фонди музди меҳнатро дар ҳисоботи андозӣ дуруст нишон диҳанд.

Ф. Сафарализода гуфт, ки аз ҷониби баъзе масъулони корхона ва ташкилотҳое, ки ба истеҳсол ва харидуфурӯши молҳои зераксизӣ машғуланд, амалиёти андозбандишавандаи дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон дода намешавад.

Дар семинар - машварат ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди «Анатис», «Нурабис», «Заводи машруботи Душанбе», «Нури Ҳаёт», «КАФ», «Чакра», «Собиров 2017», «Сомон С», «Раовн Соҳилот», «Анаҳита», «Мубин Глобал-1», «Таҷам», «Хушаҳои ҷави зарин», «Кашкар Нункен», «Арш Плюс», «Меҳаман», «Зайнаб 1», «Обисоф Вита» ва «Кишвар 2010» уҳдадор шуданд, ки амалиёти андозбандишавандаи худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон дода, даромади умумии андозбандишавандаро зиёд намоянд. Инчунин, бақияи қарзи андозҳоро ба буҷет пардохт намуда, шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати пардохтшавандаро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон диҳанд.

Ҳамзамон, сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияи Шоҳмансур ва Синои шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе, нозирони мутасаддии шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе вазифадор гардиданд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ислоҳи камбудиҳо ва дуруст пешниҳод кардани эъломияҳои иловагии зери назорат қарор диҳанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Фарқияти нишондиҳандаҳо

**Дар асоси фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2019, №89 с/х ва аз 04.03.2019, №398 бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», дурустии хисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон, ҳолати бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, рафти иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.04.2017, №192 «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсия) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» инчунин, ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ сафарбар гардид.**



## Ҳолати андозбандӣ ва бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт

Ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ноҳияи Восеъ шумораи хоҷагиҳои деҳқонии дар қайди мақомоти андозбуда 2961 адад ва тибқи маълумот Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ 3704 ададро ташкил менамояд, ки фарқияти хоҷагиҳои деҳқонии дар қайди мақомоти андознабуда ба 743 адад баробар мебошад. Танҳо дар давоми моҳи январи соли ҷорӣ аз ҷониби нозироти андоз 22 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда буд.

Бо мақсади аз байн бурдани фарқияти бавуҷудомада аз тарафи Гурӯҳи корӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, маълумоти дастрасгардида бо роҳи ирсол намудани огоҳинома ва ҳозир шудан ба суроғаи хоҷагиҳои деҳқоние, ки солҳои 2017-2018 дар асоси тақдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм таъсис ёфтаанд, 151 адад парвандаи бақайдгирӣ омода шуда, ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Восеъ пешниҳод шуд, ки аз ин ҳисоб ба миқдори 134 адади он ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз гузошта шуданд.

Яке аз сабабҳои дар қайди мақомоти андоз нагузоштани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар он мебошад, ки ба роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ пеш аз ҷудо гардидани қитъаи замин барои машғул шудан барои дигар намуди фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодатнома дода шуда, дар иқтибоси он тағйирот илова нашудааст. Аз ин лиҳоз, аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар 6 ҳолат дар иқтибосҳои соҳибкорони инфиродӣ намуди фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ илова шуд.

Яке аз ҳолатҳои дигари ба миён омадани фарқиятҳои шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар нозироти андоз ва Кумитаи идораи замини ноҳия дар он мебошад, ки дар асоси қарори раиси ноҳияи Восеъ аз 27.05.2015, №236, 73 адад хоҷагии деҳқонии инфиродӣ аз ҳисоби КИ "Самар", КТ "Ҳулбук", "Сафина", Сабзалӣ", "Хуршед" ва "Разоқи Ҷаббор", таъсис ёфта буд ва бо дарназардошти хилофи қонун будани қарори раиси ноҳия дар асоси амри Прокуратураи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб аз 18.12.2015, №8/149 ва қарори раиси ноҳияи Восеъ аз 30.12.2015, №617 бекор шудааст. Аммо, хоҷагиҳои деҳқонии мазкур то давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ аз тавозуни Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ хориҷ нашудааст, ки ин ҳолат боиси ба миён омадани фарқиятҳо байни мақомоти давлатӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи маълумот муайян шуд, ки бо қарорҳои алоҳида дар давраи солҳои 2015-2019 ба як қатор корхонаҳо ва шахсони алоҳида барои шаклҳои гуногуни истифодабарӣ қитъаҳои замин ҷудо шудааст, аммо заминҳои ҷудошуда аз тарафи андозсупорандагон дар мақомоти андоз ба қайд гузошта нашудаанд, ки ин боиси аз андозбандӣ дур мондани онҳо гардидааст.

## Номутобиқатӣ

Номутобиқатиҳои шумора ва масоҳати замин миёни Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ ва нозироти андози ноҳия дар он мебошад, ки аз тарафи Кумитаи идораи замини ноҳия бо мақсади дуруст намудани нишондиҳандаҳои тавозуни замин, рӯихати хоҷагиҳои деҳқонии тақдидшуда ва ё барҳамдодашударо бо нишондоди масоҳатҳои сифрӣ ва масоҳатҳои калон аз қайд нabаровардаанд.

Чунончи, хоҷагии деҳқонии "Ситез", пурра тақдид ёфта, дар заминаи онҳо хоҷагиҳои деҳқонии алоҳидаи инфиродӣ таъсис дода шудааст. Аммо, дар тавозуни пешниҳоднамудаи Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ хоҷагии деҳқонии "Ситез" бо майдони умумии 1173,7 га боқӣ мондааст.

Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миқдори 412 адад номутобиқатиҳои шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян шуда ва 134 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда, фарқияти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни Кумитаи идораи замин ва Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ 89 адад боқӣ монд, ки кор дар ин самт аз тарафи нозироти андоз идома дорад.

## Санадҳои муқоисавӣ

Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ бо 1330 нафар андозсупорандаи шакли моликияташон гуногун санади муқоисавӣ тартиб дода, бақияи қарзи андозҳоро дар ҳаҷми 1147,8 ҳазор сомонӣ ва изофапулии андозҳоро ба маблағи 658,8 ҳазор сомонӣ кам карданд.

Тавре муайян шуд, бо сабабҳои техникӣ андози иҷтимоӣ дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон нодуруст дарҷ гардида, боиси пайдоиши изофапулӣ дар ҳаҷми 554,7 ҳазор сомонӣ ва бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 826,0 ҳазор сомонӣ гардидааст. Дар натиҷа, тибқи супориши роҳбарияти Кумитаи андоз аз ҷониби раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз камбудии ҷойдошта бартараф гардида, изофапулӣ ва бақияи қарзи андозҳои беасос бавуҷудомада ба ҳамин маблағ кам шуд.

## Қарзҳо

Шумораи умумии андозсупорандагони қарздор ба санаи 1.01.2019-ум, 1180 ададро ташкил менамояд, ки 587 адад ё 49,7 фоизи онро андозсупорандагоне ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзи андози онҳо то 1,0 ҳазор сомонӣ мебошад. Бо мақсади бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, яъне бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ 279 нафар андозсупоранда ба маблағи 1518,8 ҳазор сомонӣ пурра ба буҷет рӯёнида шуд.

Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар Нозироти андози ноҳияи Восеъ нисбати 95 андозсупорандаи қарздор чораҳои зурурӣ доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо андешида шуда, барои қабули қарори дахлдор нисбати андозсупорандагон, ба маблағи умумии 3513,1 ҳазор сомонӣ татбиқ гардид, ки аз ин ҳисоб 1149,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет пурра таъмин шуд.

Дар маҷмӯъ, бо татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагони қарздор (бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ) дар 2 моҳ ба маблағи 1386,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

## Дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ

Гурӯҳи корӣ бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани қонуншиканиҳои андоз интихобан фаъолияти 173 адад субъекти хоҷагидорро таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дод.

Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ Гурӯҳи корӣ нисбат ба андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ-таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ машғул буданд, ба маблағи 108,6 ҳазор сомонӣ 41 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дод. Маблағи ҷаримаи татбиқгардида, ба буҷет таъмин шудааст.

Дар баробари ин, дар натиҷаи гузаронидани санҷиши амалиётӣ нисбати 48 нафар андозсупоранда, ҷамъ ба маблағи 93,5 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва дар ин хусус аз андозсупорандагон эъломияҳои иловагии андоз гирифта шуда, пардохти он ба буҷет таъмин гардид.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳия аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолият 23 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи амволи ғайриманқул ба қайд гирифта шуд, ки маблағи даромади он 8966 сомонӣ ва маблағи андоз 1165,0 сомонӣ дар як моҳ ва мутаносибан маблағи даромади он 107592,0 сомонӣ дар як сол ва андоз аз даромади он 13987,0 сомониро дар як сол ташкил менамояд.

## Вазъи баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин

Мувофиқи маълумот шумораи супорандагони андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба ҳолати 1.01.2017 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ 24470 ададро ташкил намуда, ба ҳолати 1.04.2019 нисбати 20682 адад, ё худ нисбати 85,0%-и онҳо баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида шудааст. Маълумоти баҳисобгирифташуда ба махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ дохил шудааанд.

Роҳбари Гурӯҳи корӣ, сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсуси амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Набиев, мегӯяд, дар натиҷаи корҳои назоратии интихобӣ ба андозаи 11,8 ҳазор метри мураббаъ масоҳати объектҳои ғайриманқули хонаҳои истиқоматӣ, барои дигар мақсадҳо истифодашаванда ва барои фаъолияти соҳибкори пешбинишуда ба миқдори 10,6 га қитъаи замин ошкор шудааст, ки мутаносибан аз ин ҳисоб иловатан ба маблағи 74,8 ҳазор сомонӣ андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ҳисоб шуд, ки 19,2 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид гардидааст.

Шариф Набиев аз андозсупорандагон даъват ба мал овард, ки бо эҳсоси баланди масъулият уҳдадориҳои худро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии андозу андозбандӣ бар роҳ монда, андоз ва дигар пардохтҳоро, ки ба зиммаашон вогузор шудааст, дар муҳлати муқарраршуда пардохт намоянд. Зеро сари вақт ворид намудани маблағи андозҳо, баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешниҳод намудани эъломияи андоз, тартиб додани санади муқоисавӣ, роҳ надодан ба бақияи қарзи андоз ва ба қайд гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар мақомоти андоз, яке аз омилҳои ғанигардонии буҷети мамлакат, рушди соҳибкорӣ, иқтисодиёти кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ ва зиндагии осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

**Ҳолати иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравандк, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи кормандони соҳа гузошта шудааст. Назорати рафти иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ нишон медиҳад, ки мақомоти андоз аз уҳдаи вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда сарбаландона баромада, нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро таъмин карда истодаанд.**



# Вазъи ҷамъоварии андозҳо

- Дар Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус нақшаи андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар семоҳаи якуми соли 2019 ба андозаи 100,2% таъмин гардида, ба ҷойи 10230912 сомонӣ ба буҷет 10285613 сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 54701 сомонӣ зиёд аст,- мегӯяд сардори нозироти андози ноҳия Зафар Қодиров.

Нақшаи андоз ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ дар ин давра, бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ, ба андозаи 100,1% таъмин шуда, ба ҷои 7825661 сомонии пешбинишуда ба буҷет 7834213 сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 8552 сомонӣ бештар аст. Дар се моҳи аввали соли ҷорӣ нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 101,9 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 2405251 сомонӣ ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 2451400 сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда ба андозаи 46149 сомонӣ зиёд мебошад.

Ба иттилои манбаъ, дар ин давра дар ноҳияи Шаҳритус нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба андозаи 81,7 фоиз иҷро шудааст. Яъне ба ҷои 2410080 сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1970162 сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 439318 сомонӣ кам аст.

## Кам шудани бақияи қарзи андозҳо

Имрӯз яке аз масъалаҳое, ки мақомоти андози мамлакатро ба ташвиш овардааст, бақияи қарзи андоз мебошад. Тибқи иттилои роҳбарияти Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус ба санаи 1 апрели соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар ноҳия ба 4321876 сомонӣ расидааст. Ин рақам нисбат ба аввали соли ҷорӣ 4548972 сомониро ташкил медод. Яъне кормандони нозироти андоз тавонистанд, ки дар 3 моҳи аввали соли равон 227096 сомонӣ бақияи қарзи андозҳоро кам намоянд. Бояд гуфт, ки шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 1 январи соли 2019-ум 1028 нафар буд, алҳол, ба 750 адад баробар гардидааст. Аз ин бармеояд, ки дар се моҳи соли ҷорӣ 278 нафар андозсупоранда тавонистанд бақияи қарзи андози худро ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Андозсупорандагоне, ки дар назди буҷети мамлакат (ба ҳолати 1 апрели соли 2019) аз ҳисоби андозҳо нисбатан қарзи зиёд доранд, ҶДММ "Фазлиддин" (бақияи қарзи андозаш 364842 сомонӣ), ҶДММ "Эшмирзо Норматов" (68751 сомонӣ), ҶСНК "Пахтаи Шаҳритус" (774596 сомонӣ), Хоҷагии манзилию коммуналӣ (297697 сомонӣ), Литсейи касбии техникӣ (70120 сомонӣ), КВД обу корези ноҳияи Шаҳритус (87184 сомонӣ), Кооперативи тиҷоратии "А. Эшмирзоев" (472902 сомонӣ) ва Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Шаҳритус (165497 сомонӣ) мебошанд.

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ин тибқи талаботи қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагони қарздор ирсоли огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз ба ҳисоб меравад. Дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар се моҳи соли 2019 нисбати 51 нафар андозсупорандаи қарздор ба маблағи 1988000 сомонӣ қарор қабул шудааст, ки аз ин ҳисоб 863700 сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Зафар Қодиров гуфт, ки сабаби кам гардидани шумораи андозсупорандагони қарздор дар он аст, ки дар ин давра нисбати ин андозсупорандагон чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ гардидааст ва коҳиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани андозҳо мебошад. - Дар давраҳои минбаъда кӯшиш менамоем, ки шумораи андозсупорандагони қарздор ва маблағи қарзи андозро коҳиш диҳем, - гуфт Зафар Қодиров.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА,**
**ноҳияи Шаҳритус**

# Меъёри андози маҳсулоти зераксизӣ

**Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2018, №397 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2018, №302" ба тасвиб расидааст, ки меъёри андози аксизи обҳои табиӣ ё сунъӣ-маъданӣ, газнок, хуштамъ-хушбӯй, вермутҳо ва шаробҳои ангурӣ, спирти этилии денатуратсияшуда, истеҳсоли саноати тамоку ва дигарҳо паст карда шудааст.**



Новобаста аз ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат баъзе аз истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ даромади умумии коргоҳҳоро дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам кардаанд. Масалан, ҶДММ "Ахтар Суғд" ба маблағи 805,3 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Фон дарё" ба маблағи 167,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Чои шифо"ба маблағи 134,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "ММК" ба маблағи 114,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Дӯсти Амирхон" ба маблағи 51,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Аква Хуҷанд" ба маблағи 46,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Шарбати мева" ба маблағи 39,2 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Корхонаи машруботи Ғафуров" ба маблағи 27,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ориён Суғд"ба маблағи 26,0 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Евроазия 2005"ба маблағи 17,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "ЛВЗ Сайхун"ба маблағи 15,1 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Заводи спиртбарорӣ", ҶДММ "Комплекси истеҳсоли тиҷоратии Хубҷам", ҶСП боғи фарҳанги истироҳатии "Наврузгоҳ", ҶДММ "Нушокиҳои ваҳдат" ба маблағи аз 1,6 то 10,0 ҳазор сомонӣ даромади умумиро кам намудаанд.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, аз 48 адад андозсупорандаи молҳои зераксизӣ истеҳсолкунанда 5 ададаш фаъолияти худро боздоштаанд, 20 адад ё 41,0 фоизи онҳо маблағи андозҳои аксизии ҳисобшударо дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам кардаанд, ки маблағи умумии он 871,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин 21 адад андозсупоранда ё 43,0 фоизи онҳо маблағи пардохти андози аксизиро дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 761,6 ҳазор сомонӣ кам кардаанд.

Муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Б. Маъруфзода роҳбарон, сармуҳосибони корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти зериаксизӣ ва шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз, шуъбаҳои нозироти андозсупорандагони миёна ва калонро вазифадор намуд, ки даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти зериаксизиро зиёд намуда, баҳри бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, иҷрои нақшаи пешбинишудаи андози аксиз ва ба кам кардани бақияи қарзи андоз чораҳои зарурӣ андешанд.

**Валаматшех МАҲМУДОВ,**
**собиқадори мақомоти андоз**

## ЭЪЛОН

**Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо истифода аз тартиби мазкур, шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Муҳтарам шаҳрвандон!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандоне, ки аз қонунвайронкуниҳои андоз ба мақомоти андоз иттилоъ медиҳанд, минатдорӣ баён мекунад ва ҳамзамон хоҳиш менамояд, ки дар ҳолати мушоҳида намудани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирии давлатӣ, истифода нагардидани МНХ, бе ҳуҷҷат анҷом додани амалиёт ва ё дигар ҳолатҳои пинҳонкунии андозҳо, ба мақомоти андоз тавассути рақами телефони содакардашудаи 151 муроҷиат намоянд. Шахсияти муроҷиаткунанда махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

Пардохти андоз омили пойдории давлат, рушди ҷомеа, амали созанда ва таъмини зиндагии осоишта мебошад.

Қаблан, барои ҳамкориатон сипосгузорем.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Натиҷаи фаъолияти семоҳаи як нозирот

**Бақияи қарзи андозҳо яке аз масъалаҳои ташвишовари фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**



Ба ҳолати 1 марти соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар Нозироти андози ноҳияи Вахш, дар маҷмӯъ, 11 миллиону 983,7 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 1 миллиону 150,2 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ 10 миллиону 547,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки 88,1 %-и маблағи умумии қарзро дар бар мегирад. Зиёдшавии бақияи қарзи андози иҷтимоӣ, асосан, аз ҳисоби андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ буда, нисбат ба аввали сол 24,6 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор ба ҳолати 1 марти соли ҷорӣ ба 1963 адад расидааст.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давраи ҳисоботӣ ба 105 андозсупоранда ба маблағи 2 миллиону 880,8 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол гардид, ки аз ин ҳисоб 1 миллиону 240,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд.

Дар давоми се моҳи соли 2019 нисбати 188 адад андозсупорандаи қарздор 212 адад қарор оид ба маҳбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 10 миллиону 125,7 ҳазор сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 4 миллиону 914,7 ҳазор сомонӣ ворид шудааст. Аз шумораи умумии 212 адад қарор, иҷрои 100 адади он пурра таъмин гардидааст. Қарорҳое, ки мавриди иҷро қарор доранд, 112 ададро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, 4 қарор дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотии суратҳисоби бонкии андозсупоранда, 117 қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз суратҳисоби андозсупоранда ё дебиторони он ба маблағи 6137,9 ҳазор сомонӣ ва иҷро он 4044,4 ҳазор сомонӣ, 91 қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби пули нақдии андозсупоранда ба маблағи 3987,8 ҳазор сомонӣ ва иҷрои он 870,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи қонунгузорӣ мақомоти андоз дар доираи ваколати худ салоҳияти татбиқи ҷаримаҳои маъмуриро дошта, ба ин васила дар самти ҳимояи манфиатҳои буҷети давлат, ҷорӣ намудани интизоми ҳуқуқии андозсупорандагон ва ба низом даровардани фаъолияти мақомоти андоз нақши муассир мебозад. Вобаста ба ин, дар ин давра аз тарафи нозироти андоз барои вайрон кардани талаботи қонунгузории андоз нисбати 54 андозсупоранда парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфта, ба маблағи 80,6 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст. Алҳол, аз ин ҳисоб 14,5 ҳазор сомонӣ ба даромади буҷет рӯёнида шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи ошкорсозии қонуншиканиҳои соҳаи андоз ва ба тартиб додани протоколҳои маъмурӣ 20 адад, маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 39,5 ҳазор сомонӣ ва воридоти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 4,4 ҳазор сомонӣ зиёд гардид. Ҳамчунин, дар ин давра бо моддаҳои 599 як адад, моддаи 601 нуҳ адад, моддаи 602 як адад, моддаи 603 даҳ адад, моддаи 605 як адад, моддаи 614 ҳафт адад ва қисми 1 моддаи 620-ум 25 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ бахри пешгирии ҳолатҳои пайдоиш ва зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо чораҳои иловагӣ андешида истодаанд. Дар ин самт бо андозсупорандагони қарздор вохӯриҳо ва корҳои тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудаанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА,**
**ноҳияи Вахш**

**Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо, ташкили мусоҳибаҳои корӣ яке аз самтҳои муҳиму самарабахши фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**

# Самти муҳими фаъолият

Мо бо мақсади ошноӣ пайдо намудан бо вазъи кунунии корҳои фаҳмондадиҳӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ин самт ба Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ омадем ва бо чанде аз кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорон ҳамсуҳбат шудем. Маълум гардид, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ноҳия хуб роҳандозӣ шудааст.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳо кормандони андоз дар семоҳаи аввали соли равон дар 12 корхонаю ташкилот, бозору марказҳои калони савдо 32 маротиба дар мавзӯъҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», «Солҳои 2019–2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Тағйиру иловаҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мавзӯъҳои дигари марбут ба андоз ва андозбандӣ вохӯрию семинарҳои машваратӣ гузарониданд, ки дар он беш аз 1300 нафар андозсупоранда иштирок намуданд.

Чуноне сардори бахши барҳамдиҳии бақияпулиҳо андози нозироти андози ноҳия Абдувоҳид Ойев изҳор намуд, маҳз натиҷаи хуби корҳои фаҳмондадиҳист, ки тайи се соли охир беш аз 6 миллион сомонӣ маблағи қарзҳои андоз барҳам дода шудааст.

Кормандони нозироти андоз баробари гузаронидани суҳбату семинар-машваратҳо тавассути матбуот низ баромад намуда, дар мавзӯъҳои марбут ба соҳаи андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ мебаранд.

Ҳангоми суҳбат бо соҳибкори инфиродӣ Сабоҳат Назарова бовар ҳосил намудем, ки ҳар як вохӯрӣ бо андозсупорандагон аз манфиат холӣ нест. Сабоҳат иброз намуд, ки пас аз иштирок дар семинар - машварат фаҳмидам, ки мувофиқи қонунгузории андоз дар асоси патент танҳо ҳамон шахсе ҳуқуқи фаъолият карданро доштааст, ки ба номи ӯ патент дода шудааст. Яъне аъзои оилаи ӯ, хешовандон, умуман шахсони дигар ҳуқуқ надоштаанд бо ин патент фаъолият намоянд. Ҳоло қарор додаам, ки ба номи духтарам низ аз нозироти андоз патенти алоҳида гирам. Минбаъд якҷо ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавем.

- Ман, - мегӯяд соҳибкор Холиқназари Хуршед, - шаш моҳ қабл хостам фаъолияти соҳибкориамро тағйир диҳам ва бо ин мақсад бо чанде аз соҳибкорони шиносам маслиҳат кардам. - Яке аз онҳо ба ман маслиҳат дод, ки дар навбати аввал ба номи худ шаҳодатнома гирифта, корро дар ошхона оғоз кунам. «Қонун ба ту ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя додааст ва ту метавонӣ, ки се-чор коргари кироро ба кор қабул намуда, фаъолиятатро ба роҳ монӣ» - бо дили пур маслиҳатам дод рафиқам.

Хушбахтона, баъди як моҳи фаъолиятам дар ҷаласаи васеи соҳибкорон, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ баргузор гардид, иштирок намуда, оид ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мансуб ба соҳаи андоз бисёр чизҳоро фаҳмидам. Махсусан, аз суҳбати мутахассисони соҳаи андоз донистам, ки бо ҳар як коргари кироя шартномаи меҳнатӣ баста, аз ҳисоби музди меҳнаташон бояд ҳар моҳ андози даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро ҳисоб намуда, ба буҷет пардохт намоям. Аз ҳамон рӯз сар карда, дар эъломияҳои андоз шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати ҳармоҳаи онҳоро нишон медиҳам.

Бале, суҳбату вохӯриҳо ва семинар-машваратҳо бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандаҳо ба пешравии корҳо метавонанд хуб мусоидат кунанд.

**М. ТАБАРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Премьер-министр Греции объявил о снижении налогов



## Налоги выросли во время экономического кризиса

**Греческий премьер-министр Алексис Ципрас заявил о снижении налогов в стране, объяснив это улучшением экономической ситуации, сообщает РИА Новости.**

Так, НДС на предприятия общественного питания и продукты будет сокращен с 24% до 13%, НДС на электричество и газ снизится с 13% до 6%, а на медоборудование и фармацевтические препараты - с 13% до 11%. Кроме того, правительство планирует восстановить в Греции 13-ю пенсию и отменить «налог солидарности».

«Пакет мер будет способствовать повышению темпов роста греческой экономики, но также даст возможность многим наконец почувствовать пользу от экономического роста», - пояснил Ципрас.

Отмечается, что о снижении налогов он сообщил накануне выборов в местные органы самоуправления, губернаторов регионов и депутатов Европарламента.

Налоги в Греции были повышены во время экономического кризиса в 2015 году.

Ранее Алексис Ципрас заявил, что Греция хочет присоединиться к газопроводу «Турецкий поток».

**http://www.aif.ru**

# Кафили боэътимод

**Насбу истифодаи оқилонаи мошинҳои назоратӣ- хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ талаботи рӯз ва шарти ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ буда, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ва иҷрои ҳисоби пулӣ бо аҳолӣ мебошад.**



Бояд тазаккур дод, ки истифодаи оқилонаи МНХ ҳам барои соҳибкорон ва ҳам барои муштариён воситаи асосӣ ва муҳими муомилот ба ҳисоб рафта, риояи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои ҳарду ҷониб таъмин мекунад. Дар сурати истифодаи дурусти МНХ соҳибкор имкон пайдо менамояд, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз ба монеаҳо рӯ ба рӯ нашуда, бо сарфи ками вақт ҳисоботи андозии хешро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

Дар саросари кишвар ҷорӣ намудани МНХ-и дорои ТИЭ, аз як тараф, талаботи айём бошад, аз ҷониби дигар амалӣ шудани технологияи электронӣ нуқтаҳои савдою хизматрасониро барои таъмини волояти қонун ва баланд бардоштани маданияти савдою хизматрасонӣ водор месозад. Насб ва таҳти истифодаи доимӣ қарор додани МНХ барои пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани даромади воқеии андозсупорандагон мусоидат мекунад.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид иттилоъ дод, тибқи нақшаи пешбинишуда мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе вазифадор гардида буданд, ки дар семоҳаи якуми соли 2019-ум 498 андозсупорандаро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд. Аммо дар семоҳаи аввали соли 2019 дар фаъолияти андозсупорандагони шаҳри Душанбе 482 адад МНХ-и дорои ТИЭ насб шудааст.

Нишондиҳандаи таъмини МНХ дар семоҳаи якуми соли 2019 аз ҷониби нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 80 фоиз, Исмоили Сомонӣ 104 фоиз, Фирдавсӣ 101 фоиз ва Сино 102 фоиз таъмин гардидааст.

Дар ин давра нисбати 210 андозсупоранда барои таъмин накардани ниғоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи МНХ, риоя накардани тартиби истифодаи МНХ ва баҳисобгирии хазина, тибқи талаботи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 998,3 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст.

Истифодаи МНХ, ки яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.05.2013, №210 ҳатмӣ мебошад, бояд аз ҷониби кормандони масъули шаҳру ноҳияҳо таъмин шавад. Зеро мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақдии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад.

Дар баробари ин, андозсупорандагонро низ мебояд, ки барои насбу истифодаи МНХ дар фаъолияти хеш кӯшиш намоянд. Ёдовар мешавем, ки Кумитаи андоз иловатан ҳар моҳ номгӯйи андозсупорандагонеро, ки бино бар пурра истифода накардан аз МНХ дар фаъолияташон зарурати гузаронидани хариди назоратӣ ба миён меояд, барои чораҷӯӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол менамояд. Яъне дар ҳолати насбу истифода накардани МНХ мақомоти андоз тибқи қонун вазифадораст, ки дар фаъолияти андозсупоранда корҳои назоратӣ гузаронд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

# Пешгирӣ аз афзоиш

**Кормандони Нозироти андозсупорандагони миёна дар самти кам намудан ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо дар семоҳаи аввали соли 2019 як қатор корҳоро ба анҷом расонидаанд.**



Ҳарчанд дар шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе бақияи қарзи андозҳо нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба андозаи 312,0 ҳазор сомонӣ кам гардидааст, аммо бақияи қарзи андозҳои баъзе аз корхона ва ташкилотҳо чунone дида мешавад, нисбат ба аввали сол афзоиш ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки бақияи қарзи андозҳои корхонаю ташкилотҳои бахши ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Фирдавсӣ нисбат ба аввали соли 2019 зиёд гардидааст, ки аз ҳисоби ҶДММ «Вип Системы Душанбе» 205,7 ҳазор сомонӣ, КФ «Обтаъминкунӣ ва канализатсия» 302,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Аркони Соҳибкор» 413,5 ҳазор сомонӣ мебошад.

Дар давоми се моҳи аввали сипаригардидаи соли ҷорӣ, нисбати андозсупорандагони қарздори дар қайди шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе буда ба маблағи 6,9 млн. сомонӣ 37 адад огоҳинома дода шудааст, ки аз ин ҳисоб, дар маҷмӯъ, 4,1 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст. Аз шумораи умумии 406 адад андозсупорандаи қарздор, ба 37 нафари он огоҳинома дода шудааст, ки 9,1%-и шумораи умумии қарздоронро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, нисбати андозсупорандагоне, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи огоҳинома бақияи қарзи андозҳоро пардохт накардаанд, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе нисбати 52 андозсупорандаи қарздор оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 12,6 млн. сомонӣ 116 адад қарор қабул ва аз ин ҳисоб 6,4 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст. Дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе дар давоми се моҳи аввали соли 2019, тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, аз ҳисоби қарорҳои дар солҳои 2018 ва 2019 қабулшуда, дар маҷмӯъ, 11,7 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Дар шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд давоми се моҳи аввали соли 2019 нисбати 25 андозсупоранда оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 13,2 млн. сомонӣ 90 адад қарор қабул шуда, аз ин ҳисоб, ба буҷет 4,6 млн. сомонӣ ворид гардидааст. Аз ҷумлаи қарорҳои дар ин давра қабулгардида то ин ҷониб, иҷрои 41 адад қарор ба маблағи 3,8 млн. сомонӣ таъмин шудааст. Ҳамин тариқ, дар семоҳаи якуми соли 2019 тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, аз ҳисоби андозсупорандагони қарздори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд ба буҷети давлатӣ 6,2 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Нозироти андозсупорандагони миёна дар самти татбиқи саривақтии чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, пешгирии зиёдшавӣ ва пайдоиши бақияпулиҳои андоз тамоми чораҳои заруриро ба роҳ мондааст. Барои амалӣ намудани назорати андоз ба андозсупорандагон бо додани дархост 1183 адад санади муқоисавӣ тартиб ёфтааст. Аз он ҷумла, дар шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе 633 адад санади муқоисавӣ тартиб дода шудааст ва изофапулиҳои андозҳо ба андозаи 2,0 млн. сомонӣ кам шуда, 418,8 ҳазор сомонӣ изофапулиҳои нав ба вуҷуд омадааст.

Дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд 550 санади муқоисавӣ тартиб ёфта, дар натиҷаи он бақияи қарзи андозҳои ин андозсупорандагон ба андозаи 2,0 млн. сомонӣ кам шуда, 210,6 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андозҳои нав ба вуҷуд омадааст. Инчунин, дар натиҷаи тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон, изофапулиҳои андозҳо ба андозаи 1,5 млн. сомонӣ кам шудааст, аммо бавуҷудоии 22,0 ҳазор сомонӣ изофапулиҳои нав ба назар мерасад.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Суд Испании оправдал экс-президента «Барселоны» по делу об отмывании денег

**Национальный суд Испании оправдал экс-президента футбольного клуба «Барселона» Сандро Роселя и пятерых других фигурантов дела об отмывании денег, сообщается на сайте суда.**

Росель, его жена Марта Пинеда и еще четыре человека обвинялись в отмывании 20 миллионов евро совместно с Бразильской конфедерацией футбола при продаже аудиовизуальных прав на 24 матча сборной Бразилии и заключении спонсорского контракта с крупным производителем спортивной одежды.

В конце судебного разбирательства прокуратура Испании изменила свои первоначальные выводы и запросила шесть лет лишения свободы за отмывание денег и организацию преступного сообщества для Роселя, 5 лет заключения еще для одного обвиняемого и сроки от 1 года 11 месяцев до полутора лет для остальных обвиняемых, включая жену Роселя.

Национальный суд принял решение, что «после оценки доказательств, представленных в ходе судебного разбирательства, обвинения не были доказаны, таким образом, учитывая возникшие сомнения, суд должен использовать принцип права in dubio pro reo (в случае сомнения — в пользу обвиняемого)», ссылаясь на презумпцию невиновности.

Росель занимал пост президента «Барселоны» с 2010 по 2014 год. 55-летний функционер также является участником дела о мошенничестве и уклонении от уплаты налогов при переходе футболиста «Барселоны» Неймара из бразильского «Сантоса» в каталонский клуб в 2013 году.

**https://sportmail.ru/news/football-foreign/37085774/**

# Терроризм таҳдид ба ҷони ҳар сокини сайёра

Ҳанӯз чанд сол пеш бо дарки вазъи ногувор дар ҷаҳон ва шиддат ёфтани ҷангҳои мусаллаҳона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъкид ифроз доштанд: «Террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҷони ҳар як сокини сайёра аст».

Ин дар ҳоле буд, ки густариши ин зуҳуроти номатлубу фалокатборро ба дин ва мазҳаб, хосса дини ислом, алоқаманд медонистанд. Бешак, мақсадҳои нопоку ғаразҳои бади сиёсии худро мехостанд бибароранд. Инчунин, ба ин васила дини мубини ислом ва мазҳабҳои ростини онро доғдор бисозанду ба ҷаҳониён бад, балки бисёр бад вонамуд бисозанд. Дар асл ислом рӯшану возеҳ ва қотеона дар муқобили ин вабои асри навин сухани худро гуфта ва мавқеи дурусту пойдори худро ошкор сохтааст: «Ва ҳар кас муъминеро аз рӯи амд (қасдан) ба қатл бирасонад, кайфараш (подошаш, ҷазояш) дӯзах аст, ки дар он ҷовидона мемонад ва Худованд бар ӯ ғазаб мекунад ва ӯро аз раҳматаш дур месозад ва азоби бузургеро барои ӯ омода сохтааст».

Ба таҳқиқ, қотилу мақтул – ҳар ду дар оташи дӯзаханд. Оре, мақтул низ қотил шуда метавонист, агар бар ҳарифи худ дар ин маврид даст меёфту ғолиб мегардид.

Ба яқин, амалу хостаҳои террористону экстремистон ба талаботи ислом, ин дини поку мубин, дар ҳеҷ сурат мувофиқат намекунад. Яъне, ин аъзои гурӯҳи ноогоҳу раҳгумзадаро наметавон ифтихори исломӣ ва динӣ бахшид. Онҳо ҳаргиз ба ин фармуда, ки «муъмин бародари муъмин аст» амал наменамоянд. Бародарони онҳо хоҷагонашон ҳастанд, ки барои ҷалбу истифодаашон дар куштору сӯхтору ваҳшатафканӣ маблағҳои зиёди пулӣ ваъдаашон мекунанду медиҳанд. Ҳамин тавр, нахуст дастҳоро сафед ва баъд дилҳоро сиёҳ мекунанд. Бо дили сиёҳ ва бединиву ҷаҳли мураккаб имкони бо Худо ҷангидан ҳам ба вуҷуд меояд. Аксари ин ҷангиён, ки аз шумори ҷавонони ноогоҳу нодон ҳастанд, то ба ҳол дарк накардаанд, ки барои чӣ ва бо кӣ меҷанганд. Дар ин сурат, на аз дини Худо меандешанд ва на аз оқибати андешаву кирдорҳои номатлубашон.

Террорист, барҳақ, мазҳаб надорад. Чаро? Чунки ё онро нашинохтааст ва ё ба андак чизе фурӯхтааст. Ӯ дар ин ҳол на мақоми худро медонад ва на мақоми пешвои мазҳабашро. Ба ҷаҳолату фиреб чун аз он маҳрум гардидааст, пайравиро карда наметавонад ва ҳам аз он ор дорад. Бар гузаштаи нек, имомони ростин, муҷтаҳидони асил, ки беш аз ҳазор сол бо раҳнамоияшон дину шариат пойдор мебошанд, кулӯх меандозанду фаҳм намесозанд, ки ҳатман подошашон санг аст. Бар рӯи олимони асили дин, устодон ва падарони худ меситезанду онҳоро нодону гумроҳ мехонанд. Ин афрод равияву гурӯҳҳову ташкилотҳои зиддимазҳабиро наҷотдиҳандаи худ ва мисли худашон донистаанд. Бешак, ин гуна афроди бемазҳаб ба иҷрои ҳар кор: қатлу ғорат, хароб намудан бо як ифтихори барояшон хос рӯ меоранду мепиндоранд, ки қаҳрамони давранд.

Сарвари давлат бо эҳсоси ин хатарҳову фалокатҳову амалҳои даҳшатзо соли 2009 - ро Соли бузургдошти пешвои мазҳабамон Имоми Аъзам эълон намуд. Ба ин хотир, аз ҷумла ҳамоиши байналмилалии «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир» баргузор гардид. Мавқеъ ва нақши махсуси ӯ, мазҳаби ҳанафии дини ислом баён ва шинос карда шуд. Имоми Аъзам соҳиби шарҳ буд, на шаръ. Донишу иҷтиҳодаш дар тамоми зиндагии пурбаракаташ ба хотири шинохти асолати дини ислом ва дуруст пайравӣ кардан аз он ва Қуръону суннат буд.

Бо дастури Роҳбари давлат нахустин бор Қуръони карим бо забони тоҷикӣ дар се давра бо теъдоди 200 ҳазор нусха нашр ва ба мардум ройгон тақсим шуд. Инчунин, китобҳои «Саҳеҳ»-и Имом Бухорӣ, «Муснад»-и Имоми Аъзам ва дигар осори гаронарзиши диниву мазҳабӣ ба табъ расиданд. Супориш дода шуд, ки мероси арзишманди Имоми Аъзам ва Имом Бухориву дигар шахсиятҳои маъруфи олами исломро ҳарчи бештар таҳия ва нашр намоянд.

Бо қаноатмандӣ бояд ҳамеша изҳори сипос бикунем, ки роҳи динситезон, ифротгароён ва равияву гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки дар либоси дину мазҳаб зуҳур карда буданд, гирифта шуд.

Хатари зиёду асари бадашон замоне бештар эҳсосу дарку фаҳм мегардид, ки барои иҷрои ғаразҳои бад ва амалҳои нопокашон ба пуррагӣ даст меёфтанд. Онҳо боз зиёдтар имкон пайдо мекарданд, ки ҷавонони ноогоҳ аз дину мазҳаб ва сиёсати давру вазъи ҷаҳони муосирро аз роҳ бизананд.

Террорист, дар ҳақиқат, ватан надорад. Барои ӯ ватан ҷое, маконест, ки нафъ мебардорад. Албатта, ҷову макони муваққатиро наметавон ватан ном бурд, хосса ҷову маконе, ки дар он зану фарзанд, падару модар, бародару хоҳар, наздикону пайвандон ва амну осоиш набошад. Ӯ ба ҷову маконе, ки барояш замоне зодгоҳу ватан маҳсуб мешуд, ризо аст, ки ҳуҷум биёрад, дар он қатл бинамояд, ғорат бикунад ва оташ андар хонаҳо бизанад.

Террорист миллат надорад. Барҳақ, на арзишҳои миллиро мешиносад ва на онҳоро эътироф менамояд. Миллате, ки барояш эҷод карданд, миллати куштору сӯхтору даҳшатафканӣ аст. Ӯ ба ҷони ҳар як сокини сайёра таҳдид мекунад.

Бояд ӯро, бояд онҳоро бишиносем. Бидонем, ки онҳо фарзандони ноогоҳи моро ба василаҳои гуногун аз роҳ задаанду мезананд. Бидонем, ки душманони мо, амну осоиштагӣ ва ободии ҷаҳонанд. Бидонем, ки нахустин тирҳояшонро бар дили падару модар ва наздиконашон меандозанду онҳоро ба ҳалокат мерасонанд. Бидонем, ки чун ватан, миллат ва дину мазҳаб надоранд, муқаддасотро, арзишҳои милливу диниву мазҳабиро намешиносанд ва дар ин сурат бераҳмтарин шахсони дунё маҳсуб мешаванд. Бидонем, ки василаҳои гуногун мавҷуданд, ки ба ҳар як хонадон роҳ ёфта метавонанд ва майнаҳои ҷавононро барои ҷалбу истифодаи мақсадҳои нопокашон заҳролуд месозанд.

Сарвари давлат бо огоҳии комил аз ривоҷу густариши ин вабои аср барои мо таъкид доштанд, то ҳақиқатро рӯшан дарёбем: «Албатта, мо мефаҳмем, ки фақру бекорӣ барои зуҳуроти ифротгароӣ ва терроризм дар тамоми ҷаҳон шароити мусоид ба вуҷуд меоварад, вале бояд гуфт, ки мудохилаи хориҷӣ бо истифода аз сатҳи пасти саводу фарҳанг ва маърифати дунявию динӣ, нохудогоҳӣ, бетараф будан нисбат ба арзишҳои волои милливу динӣ дар замони муосир аз омилҳои асосии пайдоиш ва шиддат гирифтани ифротгароӣ гардидааст». Пас аз ин, бо таъкид дастур доданд, ки ба ин масъала тамоми масъулон бо ҷиддият машғул бишаванд ва дар рафъи камбудиҳо камфаъолиятӣ ва бепарвоиву бетарафӣ зоҳир накунанд. Ин дастур ба ҳар шахси огоҳу дӯстдори ватану сарзамини аҷдодӣ, миллат, инсоният, дину мазҳаби ростин низ тааллуқ дорад. Охир, тавре зикр гардид, ин зуҳуроти номатлубу даҳшатзо ба ҷони ҳар як сокини сайёра, ки мо низ дар ин шуморем, таҳдид мекунад. Хосса, чун дар ду-се соли оянда вазъ мураккаб мегардад ва ҳам мо ба ҳар рӯз мехонему мебинему мешунавем, ки ҷиноятҳои хусусиятҳои экстремистӣ ва террористидошта меафзоянд ва сокинони гӯшаҳои гуногуни дунё қурбони он мегарданд.

**Абдулқодири РАҲИМ**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Тоҷикреклама» (РЯМ 0110002118) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Аудит-2003» (РЯМ 0310004695) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2-моҳ қабул мешавад.

■ ҶДММ «ДУНЁИ РАНГИН» (РЯМ 0310002587) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Чойхонаи Исфара» (РЯМ 1810006147) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ДС-2014» (РЯМ 0210021039) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алимамадова Сайлигул (РЯМ 7730011603) аз ноҳияи Шуғнон, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мамадвафоев Фаридун (РЯМ 7030018839) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қаюмова Ҷумагул (РЯМ 0331316288) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Сафар-М» (РМА 1930011756) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Сафар-М» (РЯМ 1930011756) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КИ «Тоҷикистон» (РМА 190006520) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ашурова Тоҷинисо (РЯМ 0630018675) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мусаев Бахтиёр (РЯМ 1630037035) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қуллиев Фирдавс (РЯМ 6230033774) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошматова Мавҷуда (РЯМ 5530234041) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.






■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Султонова Ҷанатхон (РЯМ 530053192) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Исмоил (РЯМ 0331224236) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муртазов Исмоил (РЯМ 0730159394) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

**ҶСК Суғдобсохтмон (РЯМ 5110005276) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд сармояи оинномавии худро аз 506000 сомонӣ кам карда, ба 333331 сомонӣ баробар менамояд.**

**Дафтарчаи ҳавлӣ, қарор ва ҳуҷҷатҳои дигари хонаи истиқоматӣ, мутааллиқ ба истиқоматкунандаи ноҳияи Темурмалик, кӯчаи Лоҳутӣ 18 Шарипов Оқилҷон Сафаралиевич бинобар гумшуданаш беэътибор дониста шавад.**

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандоне, ки дар ободии диёр, рушди иқтисод ва таъмини иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамоянд, миннатдории худро баён мекунад ва иловатан хоҳиш менамоянд, ки дар ҳолати мушоҳида кардани фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирии давлатӣ, истифода нагардидани МНХ ва бе ҳуҷҷат анҷом додани амалиёт, ба мақомоти андоз тавассути рақами содакардашудаи 151 муроҷиат намоянд. Шахсияти маълумотдиҳанда махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

Пардохти андоз омили пойдории давлат ва рушди он, таъмини зиндагии осоиштаи ҳар як шаҳрванд дар ҷомеа мебошад. Бинобар ин, ҳар як амали созандаи мо инояндаи худи мо,ояндаи фарзандони мо ва наслҳоиояндаи халқамон мебошад,

Қаблан, барои ҳамкориятон сипосгузорем.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки тибқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳама намуди хизматрасониҳо, ба истисноӣ ду ҳолат, яъне бақайдгирии давлатии соҳибкорон ва бақайдгирӣ ҷиҳати пешниҳоди электронии эъломияҳо, аз ҷумла, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, маълумотнома дар хусуси уҳдадории андозӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ, додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо ба буҷет ва ғайраҳо, ройгон анҷом дода мешаванд.

Хоҳиш менамоем, ки дар сурати бар ивази хизматрасониҳои ройгон талаб намудани маблағ ва ё аз ҷониби мақомоти андоз дар сатҳи дахлдор анҷом надодани хизматрасонӣ бо рақами содакардашудаи телефонии 151 ва ё хаттӣ ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки аз пардохти маблағи андозҳои аз уҳдадории давраи ҳисоботӣ зиёд худдорӣ намоед.

Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур, метавонед бо рақами телефони содакардашудаи 151 ва ё хаттӣ ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

## Ба Роҳбарияти Филиали Бонки «ТИҶОРАТ»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе

**Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи Филиали Бонки «ТИҶОРАТ»-и ҶИЭ дар ш. Душанберо (минбаъд «Бонк»), ки аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2018, ҳисобот оид ба маҷмӯи даромад, ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.**

**Ба фикри мо, ҳисоботи молиявӣ аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии Филиали Бонки «ТИҶОРАТ»-и ҶИЭ дар шаҳри Душанберо ба санаи 31-уми декабри соли 2018, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулӣро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллалӣ дуруст инъикос менамояд.**

**Асос барои изҳори ақидаи аудиторӣ**

Мо тафтишоти аудиториро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит гузаронидем. Уҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми «Маъсулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» гузошта шудааст. Мо нисбати «Бонк» мувофиқи “Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касбӣ”-и Шӯрои оид ба стандартҳои байналмиллалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботи этикӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, мустақил ҳастем ва дигар уҳдадориҳоро мувофиқи ин талабот иҷро намудем. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо бадастовардашуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя ва муносиб мебошад.

**Масъулияти роҳбарият оид ба ҳисоботи молиявӣ**

Масъулият нисбати таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявиро роҳбарияти «Бонк» ба уҳда дорад. Ин масъулият: тартибдиҳӣ, хориҷкунӣ ва дастгирии назорати дохилӣ, ки бо таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои қаллобӣ ва хатоӣ надошта, интихоб ва истифодабарии муносиби сиёсати ҳисобгирӣ ва асоснокии баҳодиҳиҳои ҳисобиро дар бар мегирад.

**Масъулияти аудиторон оид ба аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мақсади мо ба даст овардани боварии устуворе, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатоӣ ё амалҳои мусоҳилакорона надорад ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии устувор ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳама вақт дарёфт намудани хатоҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатоӣ ё амалиётҳои мусоҳилакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин шавад, ки дар алоҳидаги ё дар маҷмӯъ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молияви қабул кардашаванда таъсир расонанд.

**Дар чорчӯбаи аудити мувофиқи СБА гузаронидашаванда, мо ақидаронии касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро дар давоми раванди аудит нигоҳ медорем. Ба ғайр аз он:**

*а) хавфҳои таҳрифи назаррас, ки ҳамчун натиҷаи хатоӣ ё амалҳои мусоҳилакорона ба миён омадаанд ошкор ва баҳо медиҳем; ҷавобан ба ин ҳавфҳо амалиётҳои аудиториро коркард ва мегузаронем; далелҳои аудитории кифоя ва боъэтимодро ҷамъ меоварем, ки асоси инъикоси ақидаи мо мегарданд. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи амалҳои мусоҳилакорона муҳимтар аст, нисбат ба хавфи ошкорнашудаи таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи роҳ додани хатоҳо, зеро амалҳои мусоҳилакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, амали қасдан ба назар нагирифтан, таҳрифи ахбороти пешниҳодшуда ё амали хилофи системаи назорати дохилиро дар бар гирад.*

*б) системаи назорати дохилӣ, ки барои аудит бо мақсади таҳия намудани тартиботи аудиторӣ барои ҳолатҳои мувофиқ аҳамият дорад меомӯзем, аммо на бо мақсади инъикоси ақида оиди самаронокии системаи назорати дохилии шахси тафтишшаванда;*

*в) ба дурустии сиёсати ҳисобгирии истифодашаванда, асоснокии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ба эзоҳдиҳии мувофиқи ахборотҳо, ки аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда тайёр карда шудааст, баҳо медиҳем;*

*г) оид ба дуруст истифодабарии фарзкунӣ нисбат ба фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда хулоса мебарорем ва дар асоси далелҳои аудитории гирифташуда оид ба мавҷуд будани номуайяниҳои назарраси бо воқеа ё шартҳое, ки дар натиҷаи онҳо шубҳаҳои ҷиддӣ нисбати қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи шахси тафтишшаванда пайдо мегарданд, хулоса мебарорем. Агар мо оид ба мавҷудияти номуайяниҳои назаррас ошкор намоем, мо бояд диққатро дар хулосаи аудитории худ ба эзоҳи ахбороти мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборот номувофиқ бошад, шакли хулосаи худро тағйир диҳем. Ақидаҳои мо ба далелҳои аудиторие, ки то санаи хулосаи аудитории мо гирифта шудаанд, асос ёфтаанд. Аммо воқеаҳо ё шароитҳо дар оянда метавонанд ба қобилияти давом додани бефосилаи фаъолияти шахси тафтишшаванда таъсир расонанд;*

*д) ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосибӣ, умуман, таркиб ва мазмуни он, бо дарназардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боъэтимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.*

**28 марти соли 2019**
**шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Хоҷаев Ш.Т., CIPA**
**Директори ҶДММ «Аудит Консалтинг»**

**Иҷозатнома 26 майи 2014 аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон дода шудааст.**

| Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар шаҳри Душанбе | |
|---|---|
| ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНИ ба 31.12.2018 | |
| | (сомонӣ) |
| ДОРОИҲО | |
| Маблағи нақдӣ дар хазина | 1907 601 |
| Суратҳисобҳои муросилотӣ да БМТ | 37539 974 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии ҶТ | 235 559 |
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои ҶТ | 291180 212 |
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои берун аз ҶТ | 452 769 |
| Карзҳои додашуда ба мизоҷон | 16667 306 |
| Воситаҳои асосии бонк | 816 976 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 189 056 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 134 786 |
| Дороиҳо дар ташкилотҳои бeсташуда ва дар ҷараёни барҳамхӯрӣ | 14226 715 |
| ФПТИ аз рӯи дороиҳои дар ташкилотҳои басташуда ва барҳамхӯрӣ | -14226 715 |
| Пешпардохти изофаи андоз | 576 517 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО: | 349700 756 |
| УҲДАДОРИҲО | |
| Амонатҳои мизоҷон | 3624 966 |
| Суратҳисоби муросилотии бонкҳои берун аз ҶТ | 292605 996 |
| Дигар уҳдадориҳо | 363 131 |
| | 296594 093 |
| САРМОЯ | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - Саҳмияҳои одӣ | 16409 725 |
| Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта | 34781 817 |
| Захираи умумӣ аз фоида (2%) | 513 430 |
| Фоида/зарари соли ҷорӣ | 1401 691 |
| | 53106 663 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | 349700 756 |
| ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ | |
| Гарав | -51162 159 |
| ҲАМАГӢ ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ: | -51162 159 |

**И.в.Раис:** **Муҳаммад Содиқӣ**
**Сармуҳосиб:** **Азизмуродов Ш.Х.**

| Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар шаҳри Душанбе | |
|---|---|
| ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНИ ба 31.12.2018 | |
| | (ҳисобот бо сомонӣ) |
| Даромадҳои фоизӣ | 2679 779,00 |
| Даромадҳои комиссионии бонк | 140 707,00 |
| Даромад аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 228166 544,00 |
| Барқарорсозии ФПТИ аз рӯи қарзҳо | 428 634,00 |
| Ҷамъи даромадҳо | 231415 664,00 |
| Хароҷоти амалиётӣ | 2796 986,00 |
| Хароҷот аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 226298 905,00 |
| Дигар хароҷот | 118 924,00 |
| Ҷамъи хароҷот | 229214 815,00 |
| Даромади софи андозбандишаванда | 2200 849,00 |
| Андоз аз фоида: | 799 158,00 |
| Фоидаи (зиёни) соф дар давра: | 1401 691,00 |

**И.в.Раис:** **Муҳаммад Содиқӣ**
**Сармуҳосиб:** **Азизмуродов Ш.Х.**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Аз ворид намудани маблағҳо ба буҷет захираҳои асосии аз ҳисоби пешрафти истеҳсолот ташаккулёфта мувофиқи қарори Шӯрои вазирони ИҶШС ва Шӯрои вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, иншоотҳои барои тоза кардани обҳо ва ҳаво аз партовҳои истеҳсолот, дарахтзорҳои мутааллиқ ба корхона, иншоот ва таҷҳизоте, ки беҳсозии ҳифзи меҳнат, беҳдошти (санитарияи) саноатӣ ва ғайраро таъминкунанда ба муҳлати ду сол озод карда мешуданд.

Пардохтҳои собит (рентӣ) соли 1967 ҷорӣ карда шуданд. Онҳо ба даромадҳои фарққунандаи вобаста ба гуногунии омилҳои табиӣ истеҳсоли маҳсулоти навъи муайян асос ёфта буданд. Пардохтҳои собит (рентӣ) қисме аз даромади софи ҷомеа буда, аз фоидаи корхона, ки дар шароити хуби истеҳсол ва нобаста ба заҳмати зиёд кашидани кормандон ба даст меомад, пардохт мегардид.

Кор оид ба ҳисобу китоб ва ситониданӣ пардохтҳои собит ба буҷет аз ҷониби Вазорати молияи ИҶШС ва вазоратҳои молияи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ амалӣ мешуд. Онҳо ҳаҷми пардохтҳои собитро аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ таҳия ва тасдиқ карда буданд. Мақомоти молиявӣ дар маҳалҳо иҷрои уҳдадориҳоро оид ба пардохти маблағҳо ба буҷет назорат мекарданд.

Боқимондаи маҷмӯии (сводный остаток) фоида бояд ба буҷет ворид мегардид ва он як қисме аз онро ташкил медод, ки барои эҳтиёҷоти дохилии корхона пас аз пардохти маблағ барои захираҳо, пардохтҳои собит (рентӣ), пардохти фоизҳо барои қарз (кредит), ташаккули захираҳои ҳавасмандсозии иқтисодӣ, ба қайд гирифтани афзоиши меъёри маблағҳои дар гардишбудаи худӣ, сармоягузорӣ, пӯшонидани хароҷоти манзилӣ-коммуналӣ ва ғайра ба буҷет равона намегардид. Мувофиқи қоидае, ки он вақт амал мекард, маблағи аз фоида гузаронидашаванда аз рӯи нақша набояд аз 10 % маблағи умумии фоида камтар бошад. Маблағгузорониҳоро ба буҷет мақомоти болоӣ якҷоя бо дигар нишондиҳандаҳои нақшаи молиявӣ ба рубъҳо (квартал) тақсим ва тасдиқ мекарданд. Аз даромад, инчунин, маблағҳо барои хароҷоти кофтуковҳои геологӣ ҷудо карда мешуданд. Маблағи пардохтҳо ба буҷет аз рӯи ҳаҷми маъдани дарёфтшуда, газ, нафт ва ҳаҷми ҳисоби маблағҳои ҷудогардида таъин мегардид. Пардохткунандагони ин маблағҳо коргоҳҳои истеҳсолкунандаи нафту газ ва конҳои маъдан буданд.

Маблағҳои зиёде ба буҷет аз корхонаҳо ва созмонҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои матлубот, хоҷагиҳои дастаҷамъӣ ва корхонаҳои созмонҳои ҷамъиятӣ ба шакли андоз аз даромад ворид мегардиданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Бо 3D принтер деҳа месозанд?



*Тарроҳ Yves Béhar аз нақшаи сохтмони деҳае хабар дод, ки бори аввал тариқи 3D принтер чоп карда мешавад. Он мебоист дар Амрикои Лотинӣ сохта шуда, барои дастгирии оилаҳои камбизоати ин минтақа равона мешуд.*

Лоиҳаи сохтани деҳаи азим тариқи чопи 3D бо нияти хайр пешниҳод шуд. Гап оид ба масъалаи бузурги бемаконӣ меравад. Béhar нақл намуд, ки қарори нақшабандии системаи азим бо дарназардошти амалишавии барномаҳои гуногун, бо ҳисоби шарту шароити иқлимӣ ва рушди оилаҳо қабул шуд.

То ҳол муаллифони лоиҳа хабар надодаанд, ки чунин деҳа кай ва дар куҷо пайдо хоҳад шуд. Аммо маълум аст, ки сухан дар бораи азнавсозии оилаҳои фермероне меравад, ки дар хоначаҳои хурд зиндагӣ намуда, даромади моҳонаашон ба 200 доллар баробар мебошад. New Story чунин меҳисобад, ки сохтмони чунин манзил одамонро аз ҳолати қашшоқӣ бароварда, ба онҳо ояндаи андаке дурахшон пешниҳод менамояд.

# Суханони ҲАКИМОНА

*Тире, ки ба ҷониби нафаре равон кардаӣ, кураи заминро давр зада, омада аз пасат мезанад.*

***ххх***

*Илм ҳамон вақт фоидабахш аст, ки мо онро на танҳо ба ақл, балки ба дил ҳам қабул бикунем.*

***ххх***

*Олитарин арзише, ки падар ба фарзанд медиҳад, тарбияи хуб аст.*

***ххх***

*Тарбия кори бузург аст, ба воситаи он сарнавишти инсон ҳал мешавад.*

***ххх***

*Дар дунё танҳо як саодат аст, дӯст доштан ва дӯстдошта будан.*

# ПАНДИ РӮЗГОР

Тоҷире ҳар рӯз ба писараш як танга дода мегуфт:

– Инро бигир ва мувофиқи мақсад сарф намо, агар тавонӣ зам кун.

Аммо писар тангаҳоро ба дарё мепартофт, чун ранҷ намебурду аз ҳисоби падар маишаташро таъмин менамуд.

Падар аз ин кори ӯ хабар ёфта, мегӯяд: «Бираву дигар рӯзии хешро худ биёб!» Аз хешу пайвандон низ хоҳиш намуд, ки ба писараш пул надиҳанд.

Писар аз ноилоҷӣ ба мардикорӣ машғул шуд, то пул кор кунад. Як танга ба даст мераду онро ба падар меорад.

– Фарзандам, акнун ин тангаро ба дарё партo, - мегӯяд падар.

Писар ба шӯр омада, «падарҷон, чӣ хел пулро ба об партоям. Оё медонед, ки бо чӣ қадар заҳмат онро ба даст овардаам. Дастонам аз меҳнати сахт обила бастанд...».

«Ҳар дафъае, ки ман ба ту пул медодам, онро бепарвоёна ба об мепартофтӣ-ку. Фикр мекардӣ, ки пул муфт ба даст меояд?», - хулоса менамояд падар.



# Тарабхона барои нобиноён

Сокини шаҳри Париж Пол Гино бар асари воқеаи нохуше нобино шуд. Аз ҳамон замон дар дилаш нисбат ба нобиноён ҳисси шафқат ҷой гирифт. Хост, ки барои худ ва барои эҳтиёҷмандони дигар нуқтаи хизматрасонии махсус таъсис диҳад. Ҳамин тавр, дар Париж аввалин тарабхонаи ғайриодӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар он ба ғайр аз сарошпаз, дигар ҳама хизматрасонҳо нобиноёнанд. Барои он ки мизоҷони солим ҳангоми ҳузур дар «Dans le noir» бо нобиноён муомилаи дурустро омӯзанд, дохили бино комилан торик аст. Дар тарабхона ғизоро аз рӯи бӯй ва маззааш интихоб мекунанд. Ин ҷо муҳим нест, ки дар тан чӣ гуна либос доред, дар бештари ҳолатҳо этикет ҳам нигоҳ дошта намешавад. Муҳимтар аз ҳама, ҳар як меҳмон бояд аз эҳтиёҷ кор гирад, то ба хизматрасонҳо бар нахӯрдаву зарфҳоро нашиканад.

# КАСБҲОЕ, КИ САБАБИ АСАБОНИЯТИ ЗИЁД МЕШАВАД

**Мувофиқи натиҷаи пажӯҳишҳои доирнамудаи олимон касбҳое ҳастанд, ки аз ҳама бештар сабаби асабоният мешудаанд.**

**Ҷойи якум** - фаъолони ҷамъиятӣ, ҳунарманд (артист), барандаҳои телевизион, сиёсатмадорҳо ва ситораҳои шоу-тиҷорат. Сабабаш ин аст, ки онҳо новобаста аз тарзи зиндагӣ дар назди ҷомеа барои пайваста хуштабъ будан маҷбуранд.

**Ҷои дуюм** - аҳли эҷод- рассосмон, нависандаҳо, журналистон, коргардонҳо. Соҳибони ин касбҳо дар аксар ҳолат машғули эҷоди пурмашаққатанд дар вақташ истироҳат наменамоянд.

**Ҷои сеюм** - олимон ва омӯзгорҳо. Чуноне маълум аст, аз ҷониби падару модар, роҳбарият тақвият ёфтани назорат ва фишор, якравии кӯдакҳо ва кори якмаром системаи асаби омӯзгорҳоро ноҷӯр менамоянд.

Мувофиқи натиҷаҳои пажӯҳиш ҷои охирин ба кормандони соҳаи хизматрасонӣ тааллуқ дорад. Талабҳои баъзе мизоҷҳои инҷиқ намояндаҳои ин соҳаро беҳол менамояд.

# ОЁ МЕДОНЕД?

Бузургтарин кони нуқра дар ҷаҳон дар шимоли Тоҷикистон ҷойгир аст.

**ххх**

Паҳнтарин кӯча дар ҷаҳон кӯчаи «Меҳвари Монументалӣ» дар Бразилия мебошад, ки 250 метр паҳной дорад.

**ххх**

70 фоизи ҳудуди Ҷопонро кӯҳҳо ташкил медиҳад.



Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Тоҳир ЧИЛАЕВ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 75 592**